“РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ”-РО ДАР FACEBOOK МЕҶӮЯНД... с.5

ИВАЗИ НОМУ НАСАБ ҲАМ ПУЛКӢ ШУД с.2

ҲУШДОР АЗ ҚАЛЛОБОНИ ИНТЕРНЕТ с.3

ТОҶИКИСТОН

№19 (1530)
10.05.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якдост! ~



АЗ ҚИССАҲОИ ДУ ҶАНГ ТО «ГИЛА» АЗ ПРЕЗИДЕНТ

Суҳбат бо иштирокчии ҶБВ Абдулазиз Қодиров



ДАР ИН ШУМОРА:

ЧИН
Президенти Тоҷикистонро интизоранд с.2

ПАНҶАКЕНТ
Ба доди деҳқонон кӣ мерасад? с.6

ДАР ЯК РӮЗ 500 НАФАР
Чаро тоҷикон шаҳрвандии Русияро мегиранд? с.8

ПЕТЕРБУРГ
Як тоҷик гулӯи тоҷики дигарро бо корд бурид с.11

КАМПИРҶАНГ
Доллар камёфт шуду мардум сарсон с.5

БА КАСЕ ПУЛ НАДИҲЕД!
Муроҷиати директори мактаби русии Душанбе с.6

ВАРЗИШ
“Равшан” суперҷомро аз “Истиқлол” гирифт с.10

М.О.О. Group
СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛ»

Маҷмааи бисёрфунксионалии “Ҳисор мол” бо ҷойгиронии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.

Харидҳои хона дар Маҷмааи бисёрфунксионалии “ҲИСОР МОЛ” осон шуд. Ҳамагӣ 30 фоизи маблағро пешпардохт намоед ва 70 фоизи боқимондаро дар давоми 3 сол бе ягон фоизи иловагӣ супоред

Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиновариии дарунӣ
- Маркази фитнес



Телефони шуъбаи фурӯш: +992 (372) 221-85-85 +992 887-00-31-33 | 00-277-33-55 | 301-99-99-99

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

PRESSA.TJ : ХАБАР МЕДИҲАД

ИВАЗИ НОМУ НАСАБ ҲАМ ПУЛАКӢ ШУД

Барои ивази ному насаб дар Тоҷикистон боҷи давлатӣ ҷорӣ гардид.

Дар асоси тағйирот ба қонун "Дар бораи боҷи давлатӣ", барои тағйири насаб, ном ва номи падар 204 сомонӣ ситонида мешавад. Ин тағйирот дар парлумони кишвар қабул шудааст. Қаблан дар қонуни мазкур боҷи алоҳидаи давлатӣ барои иваз кардани ному насаб ҷой надошт. Дар баробари ин, боҷи давлатӣ барои сабти талоқ низ боло рафтааст. Дар асоси аризаи яке аз ҳамсарон як нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё 68 сомонӣ ситонида хоҳад шуд.

ДАР ЧИН ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОНРО ИНТИЗОРАНД

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо як сафари давлатӣ озими Чин мешавад.

Ба гуфтаи намояндаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Чин Хуа Чунъин, сафари сарони Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон аз 16 то 20-уми май сурат мегирад.

"Бо даъвати Президенти Чин Си Ҷинпин сарони давлатҳои Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Қирғизистон Содир Ҷабборов, Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев аз 16 то 20-уми май бо як сафари давлатӣ вориди Чин хоҳанд шуд",- гуфтааст намояндаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Чин.

Гуфта мешавад, ки Президенти Тоҷикистон ва ҳамтоёни ӯ барои ширкат дар ҳамоиши "Чин - Осиёи Марказӣ" вориди шаҳри Сиани Чин мешаванд. Ин нишаст рӯзҳои 18-19-уми май дар музофоти Шэнси таҳти раёсати Си Ҷинпин баргузор мешавад.



Эмомалӣ Раҳмон бо Сердар Бердимуҳамедов

ҶОИЗАИ ТИЛЛОИИ БАТР БА АЗИМ ИБРОҲИМ РАСИД

Лоиҳаи сохтмон ва таҷдиди роҳи автомобилгарди "Роғун-Обигарм-Нуробод" сазовори Ҷоизаи тиллоии Бонки аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР) "Gold Award" дар соҳаи рушди устувор гардид.

Ҷоиза 5-уми май аз ҷониби роҳбари минтақавии БАТР дар Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон Айтен Рустамова ба вазири нақлиёти Тоҷикистон Азим Иброҳим супорида шудааст.

Тақрибан 40 лоиҳа ва корхонаҳо аз саросари ҷаҳон, ки дар таъмини устувории экологӣ ва иҷтимоӣ саҳми назаррас гузоштаанд, соҳиби ҷоизаҳои тилло, нуқра ва биринҷии БАТР шудаанд.

Ба гуфтаи Айтен Рустамова, лоиҳаи Тоҷикистон бо дарназардошти саҳми он дар иқтисодиёт ва ҳамлу нақли аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ҳамчун яке аз беҳтарин намунаҳои лоиҳаҳои логистикӣ, ки аҳамияти онҳо дар солҳои охир боло рафтааст, қадрдонӣ ва соҳиби ҷоизаи олӣ гардид.

Вазорати нақлиёт зикр мекунад, ки лоиҳаи сохтмон ва таҷдиди роҳи автомобилгарди "Роғун-Обигарм-Нуробод" аз ду марҳила иборат аст. Дарозии умумии роҳ зиёда аз 75 километрро ташкил медиҳад.

ИМЗОИ 23 САНАДИ НАВИ ҲАМКОРӢ БАЙНИ ТОҶИКИСТОНУ ТУРКМАНИСТОН

Имрӯз Президенти Туркманистон Сардор Бердимуҳамедов бо сафари давлатӣ вориди шаҳри Душанбе шуд.

Дар доираи ин сафар мулоқоти Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Туркманистон Сардор Бердимуҳамедов баргузор гардида, маҷмуи васеи масъалаҳои марбут ба ҳамкории дуҷониба баррасӣ шуданд. Бино ба иттилои дафтари матбуоти Сарвари давлат, зимни мулоқот масъалаи рушди устувори ҳамкории ду давлат дар бахшҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангӣ, гуманитарӣ ва дигар соҳаҳои ҳамкорӣ муҳокима гардид.

"Масъалаҳои ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ба таври муфассал баррасӣ шуда, ҷонибҳо дар бораи андешидани чорабиниҳои зарурӣ ҷиҳати рушди минбаъдаи ин ҷанбаи муносибатҳо ба мувофиқа расиданд",- иттилоъ медиҳад манбаъ.

Дар ин замина ҷонибҳо ба чунин самтҳои ҳамкорӣ, аз қабили кооператсияи саноатӣ, бахшҳои энергетика ва кишоварзӣ, нақлиёт ва коммуникатсия таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Пас аз мулоқоту музокироти сатҳи олӣ байни Тоҷикистон ва Туркманистон 23 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид.

САРИ САБЗ



Абдукарим МАШРАБ, ҳунарманди театр ва кино

- Театр баъзе маҳдудиятҳои худашро дорад. Масалан, ман агар ҳамин сол дар ягон намоиш банд шаваму нақш офарам, бо гузашти 10-15 сол ман ин нақшро иҷро карда наметавонам, чунки синну сол мутобиқат намекунад. Дар филм бошад, як бор сабт шуд, тамом.

- Пас, театрҳоро барҳам додан лозим аст? Агар не, намешавад, ки нақшҳоро омода кардан гиреду чун вақте замонаш фаро расид, нақшро ба ягон ҳунарманди синну солаш мутобиқ тақдим намоед?



Ҳилолбӣ ҚУРБОНЗОДА, раиси Кумитаи кор бо занон ва оила

- Шикваи занро аз шавҳар ё баръакс, хушдоманро аз арӯс ё баръакс, қудову андаро аз хонаводаи қудову андаи дигар ва муроҷиатҳои ба ин монандро пазируфтан ва ҳал кардан мумкин, вале, вақте ки модар ё падар аз фарзанд шикоят меорад, дахшат аст.

- Дуруст аст, чунин ҳолатҳо зиёданд. Аммо, шояд бисёриҳо интизори посух ба чунин суол бошанд, ки оё Кумитаи кор бо занон ва оила қудрати ба таври мусбат ҳал кардани ин қабил "даҳшатҳо"-ро дошта бошад?




Илёс МАМАДҶОНОВ, омӯзгори Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомӣ

- Бисёр мехоҳам, ки асарҳоямро дар дохил намоиш диҳам. Шумо медонед, ки ҳамин Камолиддини Беҳзод, ки мо бо наққоши тоҷик буданаш ифтихор мекунему номаш ба Осорхонаи миллӣ дода шудааст, ҳеҷ як намунаи асарашро дар Тоҷикистон надорем?

- Дидед, бузургиро? Аз ин нуқтаи назар ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки масалан шумо ҳам бидуни намоиши асарҳоятон метавонед дар оянда лоиқи ифтихори мо гардеду ягон осорхонаро ба номатон гузоранд.

▸▸ *Нигаронӣ*



ҲУШДОР БА МАРДУМ!

Аз афзоиши қаллобон дар интернет то маслиҳати мутахассисони бонк

Дар шабакаҳои иҷтимоӣ то ҳол эълону видео-роликҳо аз номи мансабдорону чеҳраҳои шинохтаи тоҷик, бонкҳои кишвар барои бештар пул ба даст овардани муштариён зиёд паҳн мешаванд. Яке ба чунин эълонҳо бовар дорад дигаре онро дурӯғ ва амали дасти қаллобон медонад.

Дар барномаи навбатии "Бо далел" мутахассисон аз «Амонатбонк» Шуҳрат Холиқов ва аз «Алиф Бонк» Ҷовидон Ҳамидов ба студияи Pressa.tj даъват шуда буданд. Мутахассисон дар бораи ин видео-роликҳо, фейк ва қаллобӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ, оид ба эмин мондан аз ҳар гуна хавфҳои интернетӣ суҳбат карданду тавсияҳо доданд.

ҶОВИДОН ҲАМИДОВ,
мутахассис аз "Алиф Бонк":

- Аз рӯйи мушоҳида ва омор назар намоем, ҳоло қаллобон на танҳо аз номи "Алиф Бонк", балки аз номи ширкатҳои бонуфуз - "Газпром", "Тесла", "Алиф профит" ва дигар шахсиятҳои машҳур истифода мекунанд. Ҳатто аз номи парламенти Тоҷикистон ва мансабдорони тоҷик қаллобон мардумро "сармоя кунеду даромади калон ба даст ored" гӯён, фиреб карда истодаанд. Ин гуна сармоягузорӣ асоси воқеӣ надорад. Агар он асос медошт, аввал дар сомонаҳои расмӣ паҳн мешуд.

- Дар паси ҳамин гуна роликҳо, ки шумо фейк, яъне бардурӯғ мепиндоред, киҳо меистанд ва дар куҷо ҷойгиранд?

- Асосан қаллобон берун аз кишвар ҳастанд. То ҳол ҷойи мушаххасашон ҳам маълум нест. Аз рӯйи он ки қаллобон рақаму ҳамёнҳои вертуалӣ истифода мекунанд, мо наметавонем дақиқ кунем, ки дар куҷо ҷойгир ҳастанд. Аммо азбаски қаллобон бо забони русӣ ҳарф мезананд, эҳтимол онҳо дар Русия, Қазоқистон ё Украина фаъолият мекунанд.

- Дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз номи "Амонатбонк" ҳам чунин роликҳои бардурӯғ пахш мешаванд. Назари намояндаи "Амонатбонк" дар ин маврид чӣ аст?

ШУҲРАТ ХОЛИҚОВ,
мутахассис аз "Амонатбонк":

- Воқеан, дар заминаи чанд эълони бардурӯғе, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ пайдо шудаву имрӯз мардум ба онҳо таваҷҷуҳ карда истодаанд, ин аз нокифоя будани саводи молиявии мардум далолат медиҳад. Ё онҳо роҳи осони пул кор карданро меҷӯянд.

- Чаро дар меҳвари чунин роликҳо мансабдорони тоҷик ҳам истифода мешаванд? Ҳамчун мутахассис бигӯед, ки мардум фейкро аз воқеият чӣ тавр фарқ кунанд?

Ҷовидон Ҳамидов:- Мизоҷ бояд донад, ки пули бе дарди миён дар ягонҷо нест. Дар бисёр роликҳо қаллобон ваъда медиҳанд, ки агар шумо ба онҳо 100 сомонӣ сармоягузорӣ кунед, дар давоми ду рӯз 1000 сомонӣ бароятон медиҳанд. Ин дурӯғи рӯирост аст. Ин гуна роликҳое, ки қаллобон дар шабакаҳои иҷтимоӣ мегузоранд, амиқ нигоҳ кунед, онҳо саҳифаи расмӣ надоранд. Вақте ки аз номи шахсони машҳур роликҳои тарғиботии авомфиребона пахш мекунанд, ба воситаи он мардумро барои ворида шудан ба сайт ё саҳифаашон даъват мекунанд. Сайти онҳо бошад, расмӣ нест. Ҳатто номи ширкат ва суроғаи ҳуқуқии он мушаххасу дуруст навишта нашудааст.

- Оморе ҳаст, ки чӣ қадар шаҳрвандони мо ба доми чунин қаллобон афтодаанд?

- Бале, омори дақиқ дорем, вале он сирри бонкӣ аст. Мардум зиёд мурочиат мекунанд. Дар бонки мо барномае ҳаст, ки тавассути он аз фиристодани маблағи муштариён ба қаллобон пешгирӣ менамоянд.

- Дар "Амонатбонк" низ вуҷуд дорад?

Шуҳрат Холиқов:- Мутаассифона, муштариёне, ки ба доми қаллобон афтодаанд, вуҷуд доранд. Ин аз беаҳамиятӣ ва айби худи мизоҷ аст. Яъне, бо хоҳиши худ маълумоти махфии корташ ё ҳамёни электрониашро пешниҳод кардааст. Ҳол он ки, ба шахси дуюм додани ҳама гуна маълумот дар бораи корти бонкӣ мумкин нест.

- Чаро "Алиф Бонк" бо ин қадар мутахасссони варзидаи соҳаи IT пеши пахши чунин роликҳои тарғиботии дорои фейкро гирифта наметавонад?

Ҷовидон Ҳамидов:- Дар "Алиф Бонк" шуъбаи махсуси кор бо ҳолатҳои қаллобӣ таъсис ёфтааст. Фаъолияти он ба чанд самт равона шудааст. Якум, барои огоҳ намудани аҳолӣ ва баланд бардоштани дониши молиявӣ роликҳои омӯзишӣ, смс - паёмакҳо ва ғайраро паҳн менамояд. Дар ду соли гузашта оид ба масъалаҳои қаллобӣ даҳҳо роликҳои омӯзишӣ дар расонаҳо паҳн гардиданд, ки зиёда аз 5,5 миллион нафар огоҳ шуданд. Боз як роҳи дигари пешгирӣ аз ҳар гуна қаллобӣ беҳтар кардани низоми автоматикунонии бонкҳо аст. Айни замон дар "Алиф Бонк" ду низоми автоматикардашуда ба зидди қаллобон мубориза мебаранд. Агар ёд доред, пештар қаллобон тавассути сомонаҳои хизматрасониҳои эълон бо таъсири психологӣ ба ҳамёни муштариён ворид шуда, маблағи суратҳисобашонро медуздиданд. Мо тавонистем, ки бо низоми пешрафтаи автоматикардашудаи мутахассисони бонк шеваи фаъолияти қаллобонро ба сифр баробар намоем. Ҳоло мубориза ба эълонҳои қаллобон тариқи "Газпром", "Тесла" идома дорад. Дар як моҳ аз 400 то 500 ҳазор сомонии муштариёнро аз доми қаллобон пешгирӣ дорем. Дар ин самт бо мақомоти давлатӣ ҳамкорӣ менамоем. Аз ҷумла, бо кумаки Хадамоти алоқа ва дигар сохторҳо сомонаи қаллобонро дар ҳудуди Тоҷикисон барҳам додем.



- Аммо, бо вуҷуди ин, сафи қаллобон дар шабакаҳои иҷтимоӣ бештар ба назар мерасад...

Ҷовидон Ҳамидов:- Ин вобастагӣ ба низоми автомакунонии бонкҳо аст. Ҳоло чунин ҳолатҳои қаллобӣ бо истифода аз номи "Алиф Бонк" паст шуда истодааст. Зеро низоми автоматиро дар бонк мутахассисони худамон сохтаанд. Инро фаҳмида, қаллобон ишора мекунанд, ки маблағро тавассути "Алиф моби" нафиристанд. Яъне, системаи мо чунин амали қаллобонро бозмедорад. Ҳамзамон, аз амалҳои қаллобон мизоҷро огоҳ менамоем.

Шуҳрат Холиқов:- Аз ҷониби "Амонатбонк" ҳам бо истифода аз барномаҳои махсус амалҳои қаллобӣ пешгирӣ карда мешаванд. Вале мардум ҳам бояд зудбовар набошанд, харочоту даромади маблағи худро дар корти бонкӣ пайваста санҷанд. Ягон хел маълумоти корт ва замимаи барномаи мобилии кортро ба шахси дигар надиҳанд.

Масалан, мегӯянд, ки рақами кортро сурат гирифта, бароятон фиристанд. Боз CVV код ва коди тавассути смс ба телефон омадаро пурсида мегиранд. Дар ин ҳолат мизоҷон набояд ба гапи чунин қаллобон дода шаванд.

Усмон РАҲИМЗОДА

▸▸ *Мавқеъ*



Ҳошим ГАДО

ДУРӮҒ НАГУФТАН ҚАҲРАМОНИСТ!

Солҳои охир аз журналистон мегурезам, онҳо аз қафоям медаванд, вале ман сар намефарорам.

- Чаро?,- суол намо аз ман.

Посух медиҳам:

- Ман намехоҳам дурӯғ гӯям... Барои рост гуфтан дилу гурда даркор ва барои гапи рост гӯши шунаво... Имрӯз на ин ҳасту на он. Ман дурӯғ гуфтанро нағз намебинам. Дар ин замон дурӯғ нагуфтан қаҳрамонист...

***

Шумо боре дар мавриди "Тоҷик" фикр кардаед? Боре андешидаед, ки дар дунё фақат номи мо "тоҷ" аст. Тамоми дунё ба бузургони мо сари таъзим фуруд овардаанд. Гёте, Нитше, Пушкин, Есенин ошиқу пайрави бузургони мо буданд. Мо имрӯз Синоро намешиносем.

Чаро ин ҳарфҳоро мегӯям?

Дилам ба миллатам месӯзад.

Намехоҳам, ки тоҷ дар Русия роҳ рӯбад... то се копейк гирифта, ба бачаҳояш фиристад...

Тоҷик бояд ба тоҷ сазовор бошад, бихонад, аз бесаводӣ ва торикиву ҷаҳолат раҳо ёбад...

***

Аз барои Худо, ман ин мардумро намефаҳмам. 60 сол дар саҳнаи театр ва майдони синамо худамро дарронида, барои обрӯйи тоҷик хизмат кардам... Дар театру кино 19 ҷароҳати вазнин бардоштам...

Суҳроби ман нақши ҷаҳонӣ аст. Ман барои ин нақш халта-халта мактуб гирифтаам... Кишварҳои дигар хона ваъда карданд, нарафтам, барои тоҷик кор кардам.

Дар солҳои нооромӣ, ки номи тоҷик паст шуд, театр маро даъват кард, ки ягон асар монам, то ки хориҷа равем. Эдипро эҳё кардам. Маскав рафтем. Дар таърих ягон «Эдип» ду маротиба Маскавро фатҳ накардааст, фақат "Эдипи Ҳошим Гадо!"...

Ман чӣ кардам, кӣ тоҷик маро дидан намехоҳад...

Намегузоранд, ки дар саҳна кор кунам... Китоб навишта, мардумро ба роҳи рост ҳидоят кунам, хон гӯям, худатро накуш, падару модаратро эҳтиром кун, аз ҳама муҳим худатро шинос гӯям, мегӯянд девона аст... Ягон девона 500 ҷилд китоб менависад?!

АЗ ИДОРА: *10-уми май Ҳунарманди халқии ИҶШС Ҳошим Гадо 86-сола шуд. Мо ҳунармандро ба муносибати мавлудаш табрик мегӯем.*

ҲИМОЯИ МАРЗУ БУМИ КИШВАР

ва 9 пешниҳод дар партави Паёми Пешвои миллат



Мирзозода Бадриддин Қиёмиддин, *Генерал-майор Сардори Муассисаи давлатии таълимии Гимназияи ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадии ҚДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон "Ворисони Куруши Кабир"*

Паёми Пешвои миллат барои мо - сарҳадбонон, барои мустаҳкам намудани интизоми ҳарбӣ, нигоҳ доштани тартиботи дохилӣ ва баланд бардоштани омодагии ҷангӣ дар ҳимояи марзу буми кишвар ҳамчун Дастури барномавӣ ба шумор меравад.

Бинобар ин, Ҳайати шахсии Муассисаи давлатии таълимии Гимназияи ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Ворисони Куруши Кабир" дар баробари дигар хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мардуми азизи кишвар, Паёми Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерали артиш Эмомалӣ Раҳмонро, ки 23-юми декабри соли 2022 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" ироа гардид, ба воситаи оинаи нилгун тамошо карданд.

Аз Паём маълум гардид, ки дар тӯли 31 соли истиқлол кишвари мо ба комёбиҳои беназир ноил гардид, ки инро мо ҳамарӯза эҳсос мекунем. Банда ҳамчун шахси низомӣ чанд ҷанбаи таҳкимбахшандаи Паёмро дар мустаҳкам намудани марзу буми кишвар хотирнишон месозам.

Сарвари давлат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ бо таъкиди он, ки солҳои охир вазъи сиёсиву иқтисодии ҷаҳон хеле мураккаб гардидааст, гуфтанд, ки барои таъмини амнияти аҳолӣ ва мустаҳкам кардани ҳимояи марзу буми кишвари азизамон чорабиниҳои зиёде ба анҷом расонида хоҳад шуд. Зеро тавре роҳбари давлат қайд намуданд, солҳои охир гурӯҳҳои гуногуни экстремистиву террористӣ мақсади халалдор сохтани сулҳу амнияти кишвари моро доранд.

Вақтҳои охир ҷиноятҳои бо истифода аз технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содиршаванда, ки аксари мардум аз моҳияти ин ҷиноятҳо то фаро расидани натиҷаи онҳо бохабар намешаванд, ба авҷи аълои худ расидааст.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба Прокуратураи генералӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ супориш доданд, ки масъалаи таъсиси "Маркази ягонаи иттилоотӣ"-ро дар ҳамкорӣ бо дигар сохтору вазоратҳо омӯхта, хулосаҳои худро ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод намоянд.

Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерали артиш Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки кишвари ҳамсоя ва ҳамсарҳадамон - Ҷумҳурии Қирғизистон барои як порча замин, ки таърихан моли мо тоҷикон аст, таҳдидҳо ва рафтори ғайрибашардӯстона мекунад, ки боиси ташвиш ва саргардонӣ мебошад, ҳарчанд аз ҷониби кишвари мо сиёсати сулҳҷӯёна ва муносибати башардӯстона ба роҳ монда мешавад. Ин ва дигар хатарҳои эҳтимолиро ба назар гирифта, ба Вазорати мудофиа ишора намудаву таъкид карданд, ки барои хизматчиёни ҳарбӣ шароити хуби хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ таъмин карда шавад. Яъне, хизматчиёни ҳарбӣ ҳамаҷониба барои ҳимояи марзу буми Ватан омода карда шаванд.

Баҳри ҳавасмандгардонӣ ва беҳтар шудани сатҳи иҷтимоии ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ, Пешвои миллат супориш доданд, ки аз 1-уми марти соли 2023 маоши хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 25 фоиз зиёд карда шавад. Ин рухияи хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳро дар ҳимояи марзу буми кишвар баланд мебардорад.


Ҳамчунин, Пешвои миллат ба Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Вазорати мудофиа супориш доданд, ки бо мақсади баланд бардоштани иқтидори мудофиавии кишвар "Консепсияи мудофиаи миллӣ" таҳия ва пешниҳод карда шавад.

Президенти мамлакат қайд намуданд, ки имрӯзҳо гурӯҳҳои гуногуни экстремистиву террористӣ ба вуҷуд омадааст, ки гаравидани ҷавонон ба онҳо хатари зиёд дорад. Бинобар ин, "Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027" қабул карда шуд. Аз ин бармеояд, ки ҷавонон бояд ватандӯсту ҳушёр бошанд, зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд, баҳри ҳифзи Истиқлоли давлатӣ, сулҳу оромӣ ва марзу буми кишвари азизамон ҳамеша омода бошанд.

Дар охир Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки ҳифзи истиқлолу озодии Тоҷикистони маҳбубамон ва дастовардҳои он бояд вазифаи ҳар як шаҳрванд ва қарзи виҷдониву инсонии ҳар фарди бонангу баномус ва ватандӯсту ватанпарвар бошад.

PRESSA.TJ

Шаҳрвандоне, ки ду фарзанд доранд, ба хизмати ҳарбӣ даъват карда, ба ҳар як фарзанди онҳо ҳармоҳа 300 (сесад) сомонӣ то синни 12-солагӣ муқаррар карда шавад.



Чун имрӯзҳо дар саросари кишварамон даъвати баҳории ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ идома дорад, чанд ПЕШНИҲОДРО ба самъи шумо мерасонем.

• **Якум**, донишҷӯёни курси 4-уми мактабҳои олии кишвар, ки бо таври бакалавр таҳсил менамоянд, ба муҳлати як сол ба хизмати ҳатмии ҳарбӣ даъват карда, баъди адои хизмат ба курси таҳсилкардаашон барқарор ва аз адои пардохти шартномаи таҳсил озод карда шаванд.

• **Дувум**, шаҳрвандоне, ки хизмати ҳарбиро адо накардаанд, ба хизмати давлатӣ дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ, вазорату идора, заводу фабрикаҳо ва дигар корхонаҳо ба кор қабул карда нашаванд.

• **Сеюм**, шаҳрвандоне, ки хизмати ҳарбиро адо накардаанд, ба онҳо ҳуҷҷати ронандагӣ, омода намудани маводҳои ҳавлӣ барои шахсӣ кардан, амалӣ намудани ҳуҷҷатҳои нотариусӣ ва аз ҳудуди мамлакат берун баромадан манъ карда шавад.

• **Чорум**, даъвати ҷавононӣ аз синни 18 то 27-сола ба синни 18 то 29-солагӣ барои ба хизмати ҳарбӣ даъват намудан дароз карда шавад.

• **Панҷум**, шаҳрвандоне, ки ду фарзанд доранд, ба хизмати ҳарбӣ даъват карда, ба ҳар як фарзанди онҳо ҳармоҳа 300 (сесад) сомонӣ то синни 12-солагӣ муқаррар карда шавад.

• **Шашум**, ҷавононе, ки хизмати ҳарбиро дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ адо намудаанд, ба гурӯҳҳои буҷетии донишкадаву донишгоҳҳои мамлакат бе мамониат қабул карда шаванд.

• **Ҳафтум**, барои баланд бардоштани мақоми хизмати ҳарбӣ дар мамлакат барқарор намудани имтиёзҳои бекорқардашуда (бепул кардани маблағи истифодаи барқ, телефони хонагӣ, аз андози автомашинаи шахсӣ, замини наздиҳавлигӣ ва андози хона озод намудани хизматчиёни ҳарбӣ ва собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳ, барқарор намудани музди меҳнати 13-ум, истифодаи нақлиёти шаҳрӣ, истифодаи бепули хизматрасонии тиббӣ ва санаторияҳо барои табобат ва барқарор намудани саломатӣ, барқарор намудани ипотека барои хизматчиёни ҳарбӣ баҳри гирифтани хона ё замини назди ҳавлигӣ дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат) зарур аст.

• **Ҳаштум**, Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар донишкадаву донишгоҳҳои ҳарбӣ барои ихтирои силоҳ ва бесарнишинҳои разведкавию зарбазан ва такмили саноати истеҳсолии лавозимоти ҳарбӣ чорабиниҳои бетаъхир андешанд.

• **Нуҳум**, баҳри такмил ва инкишоф додани илми ҳарбӣ ташкил намудани Академияи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст.

ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТӢ ДАР ЎЗБЕКИСТОН

Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар бораи интихоботи пеш аз муҳлати президентӣ фармони дахлдор имзо кард. Маърака рӯзи 9-уми июли соли 2023 баргузор мешавад.

Ин нахустин интихоботи президентӣ пас аз ворид шудани тағйирот ба Қонуни асосӣ бо тамдиди муҳлати ваколати раҳбари кишвар аз 5 ба 7 сол хоҳад буд. Тибқи қонуни конститутсионӣ, раисиҷумҳури феълӣ, ки бори дувум аст интихоб шудааст, метавонад дубора дар интихобот иштирок намояд.

ҚУРЪОНСӮЗ БОЗДОШТ МЕШАВАД


Прокуратураи Шветсия Расмус Палудан, раҳбари ҳизби рости ифротии "Сахтгир"-ро ғоибона ба ҳабс гирифт.

Палудан нафаре буд, ки моҳи январи имсол дар назди Сафорати Туркия дар Стокҳолм нусхае аз китоби Қуръонро оташ зада буд. Ин кори ӯ хашми Туркия ва баъзе кишварҳои мусалмониро ба миён оварад. Расонаҳои шведӣ менависанд, ки Расмус бо иттиҳоми барангехтани кинаю адовати миллӣ ва душманӣ гумонбар мешавад.

ИМРОН ХОН БОЗДОШТ ШУД

Имрон Хон, сарвазири пешини Покистон ва яке аз ҳомиёни Толибон рӯзи 9-уми май дар дохили Суди олии Исломобод боздошт шудааст. Дар ин бора телевизиони давлатии Покистон хабар медиҳад.

Носир Хон, як мақоми пулиси Исломобод ба рӯзномаи The News-и Покистон гуфтааст, ки Имрон Хон дар робита ба қазияи фасоди молӣ дар сандуқи амонати "Ал-Қодир" боздошт шуд. Дар ин сандуқ барои барномасозии донишгоҳи Ал-Қодир пул ва кумак ҷамъоварӣ мешавад. Бо боздошти Имрон Хон дар Исломобод тазоҳурот ва нооромӣ сар зад.



Фароғат

БЕШ АЗ 10 000 ХОНАНДАИ ПОЙТАХТ РОЙГОН ИСТИРОҲАТ МЕКУНАНД



Бо қарори раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ нақшаи барномаҳои омодагӣ ва ташкили истироҳати тобистонаи кӯдакону наврасони шаҳри Душанбе дар соли 2023 тасдиқ гардид.

Тибқи қарори мазкур, истироҳати хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе, ки аз буҷети пойтахт ва ноҳияҳои он маблағгузорӣ мешаванд, дар таътили тобистонаи имсола дар истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрӣ ва майдончаҳои истироҳатию солимгардонии назди муассисаҳои таълимии пойтахт ташкил мегардад.

Масъулин вазифадор шудаанд, ки то 1-уми июни соли 2023 дар истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрии «Зимчурӯд», «Гулхан», «Шарора» ва «Орзу», инчунин майдончаҳои истироҳатию солимгардонии назди муассисаҳои таълимӣ корҳои ободонӣ, сохтмонӣ, таъмиру барқарорсозӣ, муҷаҳҳазгардонии биноҳо ва майдончаҳои варзишӣ, ҳавзҳои шиноварӣ, сабзазорнамоию ниҳолшинониро ба анҷом расонида, иншооти мазкурро барои қабули кӯдакону наврасон омода намоянд.

Ҳамзамон дар асоси қарори мазкур масъулин вазифадор гардидаанд, ки истироҳатгоҳҳои мавсимии беруназшаҳрӣ, варзишию солимгардонӣ ва наздимактабиро бо мутахассисон таъмин намуда, барои пешниҳоди роҳхатҳо ба кӯдакони ятиму бепарастор, кӯдакон аз оилаҳои бенаво (камбизоат), кӯдакони болаёқат ва инчунин ҳамлу нақли онҳо ба истироҳатгоҳҳо ва бозгашт тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Дар таътили тобистонаи соли равон 4192 нафар кӯдаку навраси пойтахт дар истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрӣ ва 6160 нафар дар майдончаҳои солимгардонии назди муассисаҳои таълимӣ бо истироҳати ройгон фаро гирифта мешаванд.

Қадрдонӣ

27 000 СОМОНӢ

ба ҳар иштирокчии ҶБВ дар пойтахт

Аз номи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон 18 000 сомонӣ, аз номи раиси шаҳри Душанбе 6 000 сомонӣ ба ҳар иштирокчии ҶБВ дар пойтахт расонида шудааст.



Ҳамчунин, вобаста ба ҷойи истиқомат аз номи раиси ҳар ноҳияи пойхт 3 000 сомонӣ супорида шудааст.

Масъулин ҳангоми тақдими туҳфаҳо таъкид намудаанд, ки хизматҳои ин фарзонафарзандони миллат ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешавад ва кору пайкори онҳо барои насли наврас барои ҳамешагӣ мактаби ҷасорату мардонагӣ боқӣ мемонад.

Гуфта мешавад, ки ҳоло дар 4 ноҳияи шаҳри Душанбе 6 нафар иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ зиндагӣ менамоянд.

Ҳушдор

СОҲИБИ САҲИФАИ “РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ” ДАР “ФЕЙСБУК”-РО ҶУСТУҶӮ ДОРАНД

Саҳифае, ки дар “Фейсбук” аз номи раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ баромад мекунад, тақаллубӣ (фейк) буда, соҳиби он дар кофтуков қарор доштааст.



Дар ин бора Раёсати кофтукови чиноятии Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон бо нашри як огоҳинома хабар дод.

Саҳифаи расмии Раёсат дар “Фейсбук” навиштааст, ки ин саҳифа ба Рустами Эмомалӣ рабте надорад ва ҳамаи иттилои он аз ҷониби шахси номаълуме мунташир гаштааст.

Ин ниҳод аз шаҳрвандон хоҳиш кардааст, ки аз шарҳу тавзеҳот ва густариши аккаунти мазкур худдорӣ намоянд.

“Ба хотири мувоҷеҳ нашудан ба ҳаводиси номатлуб, эҳтироман аз шумо хоҳиш мекунем, ки аз шарҳу тавзеҳот ва густариши аккаунти мазкур худдорӣ намоед”,- омадааст дар эълони Раёсати кофтукови чиноятии ВКД.

Гуфта мешавад, ки “соҳиби аккаунти мазкур тибқи қонунгузорӣ мавриди пайгард қарор хоҳад гирифт”.

Мутаассифона, ин бори аввал нест, ки мақомот аз боз шудани саҳифаҳои қалбакӣ ба номи Рустами Эмомалӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳушдор медиҳанд. Қаблан низ шаҳрдории Душанбе гуфта буд, ки дар шабакаи иҷтимоии “Фейсбук” аз номи Рустами Эмомалӣ камубеш се саҳифа ифтитоҳ шуда, ҳамаашон қалбакӣ мебошанд.

Шикоят



КАМПИРҶАНГ БАРОИ ДОЛЛАР

Субҳ ба "Бонки Эсхата" корафтода шудам. Дақиқтар, ба банкомати ин бонк ниёз доштам. Агар боз дақиқтар бигӯям, ин ниёз бо айби "Алиф Бонк" пайдо шуд.

Вақте талошҳо барои нақдина кардани пул аз ду банкомати ин бонк натиҷа надод (банкоматҳояш аз ҳам дар масофаи тӯлонӣ ҷойгиранд, ки вақту фурсати зиёдеро талаф мекунад), сурағи наздиктарин банкомати бонкҳои дигар рафтам. Аммо маълум шуд, ки "Амонатбонк" ва "Спитаменбонк" корти "Алиф"-ро қабул надоранд. Садҳо метрро тай намудаву ба "Бонки Эсхата" расидам. Аз ду паҳлуи дари даромади бонк ду банкомат гузошта шудааст, банкомати ғарбӣ дарҳол ноумед кард: "анҷоми амалиёт ғайриимкон аст".

Хушбахтона банкомати ҷанубӣ лутф кард ва аз маблағи мавриди ниёзи ман нимашро пешниҳод кард. Вақте пулро ба ҷайб заданӣ шудам, таваҷҷуҳамро ғалоғулаву сарусадо ва суханҳои пасту баланд ҷалб кард. Гурӯҳи зиёди занон, ки аксаран синну солашон ба ҷое расида буд, каме поинтар аз банкомат бо ҳам моҷаро доштанд.

Талоши ҷавоне, ки маълум буд, корманди бонк аст, барои ором кардани онҳо натиҷа намедод. Тааҷҷуби маро дида, зани дигар, ки низ ба "зиёрат"-и банкомат омада буд, гуфт, ки "инҳо доллар мехаранд". Ин ҳангом моҷарои лафзии занҳо оҳанги дигар гирифт. Мисле, ки баҳс дар мавриди навбат буд. Чанд нафар ба рӯйхате, ки тибқи он бояд "навбати доллархарӣ" риоя мешуд, эътироз карданд. Садоҳо баландтар шуд, ҳатто суханҳое, ки ба иззати нафс мерасанд, садо доданд. Фикр кардам, ки ҳоло кор ба мӯйканиву рӯйканӣ мерасад. Хушбахтона, кор ба ин расвоӣ нарасид.

Намедонам, ин занҳо киҳо ҳастанд ва чӣ ниёзе ба доллар доранд: шояд тоҷиранд, ки барои овардани молу коло аз хориҷи кишвар ба доллар зарурат доранд?

Абдулазизи ВОСЕЪ,
журналист

Санъат

ЮЛДУЗ УСМОНОВАРО ДАР ДУШАНБЕ ИНТИЗОРАНД

Дар шаҳри Душанбе консерти сарояндаи эстрадаи Ӯзбекистон Юлдуз Усмонова баргузор мегардад. Консерти ин санъаткори шинохта 22-юми май дар “Амфитеатр”-и пойтахт доир хоҳад шуд.

Дастандаркорони ин консерт гуфтанд, ки арзиши чипта вобаста ба ҷой аз 300 то 400 сомонӣ аст. Ҳамчунин, мухлисони Юлдуз Усмонова метавонанд чиптаҳоро дар сомонаи ticketon.tj дастрас намоянд.

Ёдовар мешавем, ки Юлдуз Усмонова ҳамзамон оҳангсоз, продюсер ва Ҳунарманди мардумии Ӯзбекистон, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, Туркманистон ва Қазоқистон мебошад.



Талафот

ДАРГУЗАШТИ ШАРИФҶОН УЧҚУРҒОНӢ

- посдори забони тоҷикӣ дар Қирғизистон



7-уми майи соли равон муаллим, журналист ва шоири тоҷики Қирғизистон Шарифҷон Учқурғонӣ аз олам даргузашт. Марҳум 93 сол дошт.

Шарифҷон Абдураззоқов (тахаллуси эҷодӣ Шарифҷони Учқурғонӣ) 16-уми декабри соли 1931 дар деҳаи Учқурғон, ноҳияи Қадамҷои вилояти Бодкан дида ба олам кушодааст. Аввал омӯзгор будааст ва аз соли 1958 то соли 1962 дар вазифаи муҳаррири рӯзномаи ноҳиявии "Байроқи мусобиқа", ки бо ташаббуси котиби якуми КМ ҲК Қирғизистон Исҳоқ Раззоқов ба забони тоҷикӣ ташкил шуда буд, кор кардааст.

Дар соли 1962 ба кори омӯзгорӣ баргашта, то соли 1991 дар мактаби миёнаи ба номи устод Айнӣ забону адабиёти тоҷик ва ӯзбекро ба шогирдон дарс дод. То охири умр машғули корҳои эҷодӣ буд.

Аз соли 1997 то имрӯз ҳафт маҷмӯаи ашъори ӯ ба чоп расидаанд. Ашъораш дар китобҳои "Панди падар", "Таҷрибаи рӯзгор", "Замони ман", "Ашъори вопасин" нашр шудааст.

Шарифҷон Учқурғонӣ ба забонҳои ӯзбекӣ ва қирғизӣ низ асар эҷод кардааст.

Шарифҷон Учқурғонӣ узви Иттиҳодияи нависандагони Қирғизистон ва Тоҷикистон буд. Ӯ аълочии маорифи Қирғизистон аст. Бо фармони Президенти Тоҷикистон муҳтараам Эмомалӣ Раҳмон аз таърихи 11-уми июли соли 2003 бо медали "Барои хизмати шоиста" сарафроз гардид. Дар соли 2007 бо медали тиллои Фонди хайрияи ба номи А. Фирдавсӣ мукофотонида шуд.

Фарзандаш Миродил Абдураззоқов дипломати шинохтаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон буда, солҳои зиёд ба унвони консули сафорати ин кишвар дар Тоҷикистон ва шаҳри Мазори Шарифи Афғонистон масъулият доштааст. Мавлонҷон Абдураззоқов - дигар писарашон тоҷири муваффақ ва ҳомиву пуштибони мактабу маорифи тоҷик дар Қирғизистон ва сармоягузори ҳамаи китобҳои падараш аст. Музаффар Абдураззоқов муҳандис аст ва духтараш омӯзгори мактабҳои тоҷикии Учқурғон мебошад.

Зикри хайр

НИМПАЙКАРАИ ҚИЁМИДДИН ЧАҚАЛОВ ДАР ФАЙЗОБОД

6-уми майи соли равон дар МТМУ №35-и ноҳияи Файзобод, ки номи ҳунарпешаи зиндаёд Қиёмиддин Чақаловро дорад, нимпайкараи ӯ гузошта шуд.



Нимпайкара бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод, ҷамъи ёру дӯстон, ҳунармандони Театри академӣ-драмавии ба номи А. Лоҳутӣ ва ихлосмандону завқмандони ҳунари ҳунарпеша гузошта шуд.

Ҳамчунин, дар таълимгоҳи номбурда, ки дар шафати хонаи ин ҳунарманди асил ҷой дорад, осорхонаи Қиёмиддин Чақал кушода мешавад.

Аз мавсуф на танҳо дар Файзобод, балки дар саросари ҷумҳурӣ ҳамчун як устоди соҳибтаҷрибаи соҳаи театру кино ёд мекунанд ва ба маҳорати эҷодиаш арҷ мегузоранд. Қиёмиддин Чақал дар барои ҳунарманди асил будани ҳунараш низ сомеони худро ба завқ меоварад. Манзумаи ҳаҷвиаш бо номи «Дилам санбӯса мехоҳад» намунаи олии ҳаҷву киноятҳои устод Қиёмиддин Чақал мебошад.

Р. НАЗИР

Доғи рӯз

ПУЛИ ТАЪМИРИ БОҒЧА

Ба Сарраёсати маориф шикоят кунед!

Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе талаби маблағ барои таъмири боғчаро ғайриқонунӣ хонд. Ин ниҳод эълон кард, ки дар сурати аз тарафи мудири боғча ё мураббӣ талаб кардани маблағи таъмир волидайн метавонанд ба Сарраёсати маорифи шаҳр шикоят кунанд.



Масъули Сарраёсати маорифи пойтахт ин суханонро дар посух ба изҳори назари корбарони шабакаи иҷтимоии "Фейсбук" иброз намуд.

Чанде пеш нафаре аз корбарони шабакаи иҷтимоии "Фейсбук" навишт, ки аз пайвандонаш барои таъмири боғча 50 сомонӣ талаб кардаанд. Ҳамин тавр, ин баҳс доғ шуд ва чандин корбари дигар дар шарҳи ин навишта даъво карданд, ки барои таъмири боғча дар солҳои гуногун маблағ пардохтаанд.

Асомиддин Бобозода, сардори Раёсати муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе дар посух гуфт, ки талаби маблағ аз ҷониби мудирон ва мураббиёни боғча барои таъмир ва дигар корҳои ободонӣ аз волидайн ғайриқонунӣ аст.

Ӯ ҳамчунин, барои тамос рақамҳои зеринро гузошт:

Тел.: 221 30 92
WhatsApp: 002204040

Мушкилот





Гузориши видеоиро аз заминҳои ташналаби Панҷакент дар ютуб-канали PRESSA.TJ тамошо кунед!

ҲОЛИ ЗОРИ ДЕҲҚОНОНИ ПАНҶАКЕНТ

Аз сабаби беобӣ зироати сокинони деҳаҳои Рукнобод ва Дашти Қозии шаҳри Панҷакент талафоти калон дида истодааст. Боғе, ки онро соле пеш Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Дашти Қозӣ лентабурӣ карда буданд, имрӯзҳо рӯ ба хушкӣ овардааст.

Ин мушкилро дар сатҳи вилояти Суғд медонанд. Баъд аз иди Рамазон, дар охирҳои моҳи апрел раиси вилояти Суғд Рачаббой Аҳмадзода ба деҳаҳои Рукнобод ва Дашти Қозии шаҳри Панҷакент ташриф оварда, бо сокинон дар масъалаи насосу канал ва заминҳои обӣ суҳбат гузаронида, ба арзу шикоятҳои мардум гӯш дода, ваъда дод, ки мушкилӣ ба зудӣ роҳи ҳаллӣ худро меёбад.

Аммо моҳи май ҳам даромаду аз ҷониби масъулин, махсусан раиси шаҳри Панҷакент Абдухолиқ Холиқзода ва раиси Идораи беҳдошти замин ва обёрии ҳавзаи дарёи Зарафшони шаҳри Панҷакент Қурбон Усмонов то ҳол ягон чора дида нашудааст. Махсусан Қурбон Усмонов, ки 25 сол боз Идораи беҳдошти замин ва обёрии ҳавзаи дарёи Зарафшони шаҳри Панҷакентро роҳбарӣ мекунад, пинаки худро вайрон кардан нест ва умедвор аст, ки имсол низ мардум мисли солҳои пеш ба камобӣ тоқат мекунанд.

Соли 1960 канали Марғедар бунёд шуда, 7 пойгоҳи обкашӣ дорад. Канали Марғедар аз деҳаи Тагоби Халқи ҷамоати деҳоти Ворӯ оғоз шуда, то деҳаи Ғӯсари ҷамоати деҳоти Лоиқ Шералӣ идома меёбад, ки дарозии он 35 километрро ташкил медиҳад.

Аз канали Марғедар деҳаҳои Тагоби Халқ, Рукнобод, Гулистон, Ғаззаи пойини ҷамоати деҳоти Ворӯ, деҳаҳои Кошона, Марғедар, Ӯти Баланди ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ, деҳаҳои Варзи Канда, Қумоқ, Навобод, Заврон, Ғӯсар, Баҳор, Мазори Шарифи ҷамоати деҳоти Лоиқ Шералӣ ва деҳаҳои Киштӯдак, Дашти Қозӣ, Рӯзи Обноки ҷамоати деҳоти Ёрии шаҳри Панҷакент заминҳояшонро обёрӣ мекунанд.

Аксарияти заминҳои обии ҳудуди деҳаҳо ва ҷамоатҳои номбаршуда ба воситаи пойгоҳҳои обкашӣ обёрӣ карда мешаванд. Аммо насосҳо дар ҳолати корношоям қарор доранд, ки боиси нигаронии мардум шудааст.

Дар маҷмуъ, ин канал зиёда аз 9000 гектарро обёрӣ мекунад. Аммо ҳоло канали Марғедар оби кам дорад ва наметавонад ҳамаи ин заминҳоро обёрӣ кунад. Моҳи май ҳам даромад, аммо то ҳол на канал тоза карда шудааст ва на насосҳо таъмир мешаванд.

Шервони УМРИДДИН,
журналист

Нигаронӣ

БА КАСЕ ПУЛ НАДИҲЕД!

Муроҷиати директори мактаби русии Душанбе

Владимир Гудков, директори мактаби русии ба номи Ю. А. Гагарини шаҳри Душанбе бо нашри наворе аз сокинон хост, ки "ба ҳар гуна ваъдаҳои хайрхоҳон" бовар накунанд ва барои дохил шудани фарзандашон ба ин мактаб ба касе пул надиҳанд.

"Мушоҳида мегардад, ки бархе волидон маъмурияти мактабро гунаҳгор дониста, норозигӣ баён мекунанд. Гӯё барои қабули фарзандон шахсони номаълум пул гирифта будаанд, ки ин далел тасдиқи худро наёфт",- зикр мекунад директори мактаб.

Бояд гуфт, ки ҳоло дар ин мактаби русӣ маъракаи қабули кӯдакон ба синфи 1 идома дорад. Соли гузашта даҳҳо нафар сокинони пойтахт аз шеваи қабули ин мактаб шикоят карда, назди мақомоти маорифи кишвар ва Сафорати Русия дар Душанбе адолатхоҳӣ карда буданд.

Навори мазкур зоҳиран бо назардошти мушкили соли гузашта пешомада таҳия ва паҳн гардидааст.

Директори мактаб ҳамчунин



таъкид мекунад, ки дархостҳо чиҳати супоридани имтиҳони равоншиносӣ - педагогӣ, яъне қабули кӯдакон ба синфи 1 аз ҳазор гузаштааст. Дар ҳоле, ки роҳбарияти мактаб ният доранд имсол танҳо 120 нафарро ба синфи 1 қабул кунанд.

АЗ ҚИССАҲОИ ДУ ҶАНГ ТО «ГИЛА» АЗ ПРЕЗИДЕНТ

Суҳбат бо иштирокчии ҶБВ Абдулазиз Қодиров

Абдулазиз Қодирови 104-соларо рӯйи ҳавлиаш дар ноҳияи Шаҳринав машғули нигоҳубини гулҳо дарёфтем. Иштирокчии ду ҷанг - ҷанги Шӯравӣ бо Финландия ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ меҳмони навбатии барномаи “РӮ ба РӮ”-и ютюканлаи Pressa.tj буд. Фишурдаи суҳбати мо пешкаши шумо мегардад.



ВИДЕОИ СУҲБАТИ МАЗКУРРО ДАР ЮТЮБКАНАЛИ PRESSA.TJ ТАМОШО КУНЕД!

Сарбози ду ҷанг

- Шумо калимаи ҷангро бори аввал кай шунидед?

- Мо аввал калимаи ҷангро нафаҳмидем. Орзу мекардем, ки ба хизмат равему фураж-каро ба сар монему тасмаро таранг баста, мӯзаҳоро лок зада қадам занем. Соли 1939 Иттифоқи Советӣ бо Финландия ҷанг оғоз кард. Моро ба ҷанг даъват карданд. Ман он вақт 17-сола будам, вале худамро 18-сола навишта, ба ҷанг рафтам. Мо ҳамагӣ як ҳафта дар муҳорибаҳо иштирок кардему ҷанг тамом шуд. Пас аз ин, моро тариқи баҳри Каспий ба шаҳри Ленкорани Озарбойҷон, ки бо Эрон ҳамсарҳад аст, оварданд. Дар ҳамин ҷо қариб ду сол хизмат кардем. Ман снайперист будам. То адои хизмати мо ҳамагӣ 2 моҳ монда буд, ки Ҷанги Бузурги Ватанӣ сар шуд. Моро ҳамчун солдати куҳна ба Эрон даровардаанд. Эрон он вақт мустамликаи Англия буд ва инҳо ба муқобили Олмони фашистӣ бо Иттиҳоди Шӯравӣ муттаҳид буданд. Олмониҳо мехостанд, ки нефти Бокуро ба даст оранд, вале мо аскарони советӣ бо англисҳо роҳи немисҳоро бастем ва нефти Бокуро ҳимоя намудем. Ду моҳ баъд аскарони ҷавонро ба ҷойи мо оварданд ва моро ба фронт гуселониданд.

- Ба кадом қисмати даргириҳо рафтед?

- Ба фронти ҷанубӣ. Тариқи куҳи Қафқоз Доғистонро убур карда, ба шаҳри Новоросийск рафтем. Як моҳ машқ карда, тариқи баҳри Каспий ба шаҳри Керч зада даромадем. Ҳамон рӯзи якум нисфи шаҳрро гирифтем. Монда шудем. Фармуданд, ки ҳар як отделений дар як хона хоб кунад. 4 отделений ба чор хона тақсим шудем. Иттифоқо немисҳо гурехта нотавониста, дар таҳхонаи хонаҳо паноҳ бурда будаанд. Ҳамон шаб сарбозони мо хаста шуда хоб мераванд. Немисҳо аз таҳхона баромада, ду отделенияи 12-нафарӣ, 24 нафарро реза-реза карда, гӯшташонро дар мобайни хона тӯб мекунанд. Саҳар вақти наряд отделенияи сеюм ва чорум наомад. Рафта бинанд, аҳвол чунин. Чунин ҳодисаи даҳшатоварро ман шоҳид шудам. Вале мо шаҳри Керчро дар муддати кӯтоҳ аз фашистҳо раҳо кардем. Баъди ин ба мо супориш шуд, ки барои озод кардани Севостопол равем. Дар он ҷо доту дзоти советиро фашистон ғасб карда, камин гирифта буданд. Мо бо азоби зиёд ва талафоти калон ин шаҳрро низ озод кардем. Шеър мехондем:

Севостополь не сдадим,
Это Наш столица,
Через море передем,
Это наш граница...

Ривояти ахта кардани Гитлер

- Шумо дар баробари снайперист будан як муддат разведкачӣ ҳам будед. Аз ин даврон чӣ хотирот доред?

- Бале. Вақте дар ҳудуди Украина меҷангидем, ман разведкачӣ будам. Як рӯз моро ба разведка фиристода, супориш доданд, ки одами зинда биёред. Рӯзи дароз кофтуков кардем. Дар ҷангал як ҷонзоди зинда набуд. Як вақт бинем, тани як дарахт почамонак кардагӣ. Ба боло нигоҳ кунем, хонача сохтагӣ. Яке аз рафиқонамон баромад. Сардори штаби немисҳо харита дар наздаш кушода, хобаш бурдааст. Ӯро овардем. Ба мо 12 шабонарӯз истироҳат доданд.

- Истироҳати шумо чӣ тавр сипарӣ мешуд?

- Дар ягон шаҳри ақибгоҳ. Бештар шароит пайдо карда, мехобидем...

Ман аз даврони разведка як воқеаи ҷолиби дигарро ба шумо нақл мекунам. Моро боз ба разведка фиристоданд. Даруни ҷангал мерафтем, ки тайёраҳои фашистон бомба мепартофтанд, вале онҳо ба дарахтҳо кашол мешуданду наметаркиданд. Мо дар ҳайрат шуда, ба қисми ҳарбӣ хабар додем. Сапёрҳо омаданд. Вақте болои дарахт баромаданд, маълум шуд, ки бомба неву дар халтаҳо одам буда-аст. Даҳони линчаҳо дӯхта шуда, бо ду забон мактуб дорад: “У нас бомба не хватает, ми вас евреями бомбём”. Бештари аҳолии шаҳри Одесса яҳудӣ буданд, онҳоро зинда ба зинда мепартофтанд. Даруни халта лахтлахт мешуданд.

- Чаро маҳз яҳудиҳоро бо чунин шева мекуштанд?

- Як командири куҳансол ба мо ривоятеро нақл карда буд. Гитлер дар хонаи як яҳудӣ хизматгор будааст. Хӯҷаин сарватманду машғули кори савдо будааааст. Чун Гитлер ба воя мерасад, ҷавони хӯшрӯ мешавад. Хӯҷаин хавф мебарад, ки мабодо ӯ бо занаш ягон алоқа накунад. Бинобар ин, Гитлерро ахта мекунад. Вай бо қасос таҳсил карда, дар соҳаи ҳарбӣ ба дараҷаҳои баланд мерасад ва роҳбари кишвар мешавад. Ҳамин аст, ки ӯ тамоми умр аз яҳудиҳо қасос мегирифт.

“Хати сиёҳ” ва бозгашт ба Ватан

- Маргро кай бори аввал дидед?

- Ман натанҳо маргро дидам, балки онро эҳсос ҳам кардам. Ҳатто “хати сиёҳ”-и ман ба деҳа меояд ва аҳли хонавода маро дар ғоиб ҳафту бисту чил медиҳанд.

- Шумо чӣ тавр ярадор шудед?

- Ман дар яке аз муҳорибаҳо дар шаҳри Каменлом сахт ярадор шудам. Намедонам чӣ қадар вақт беҳуш будам. Як вақт ба ҳуш омадам, ки як мӯйсафеди мулкӣ дар аробаи якаспа ман ва як руси маҷруҳро савор мекунад. Пурсидам, ки моро ба кучо мебарӣ? Гуфт ба госпитал. Як маротибаи дигар ба ҳуш оям, маро ба роҳи оҳан бароварда. Хулоса, маро ба Сочи меорад. Духтарҳо дар замбарҳо беморонро бардошта барои ташхис мебаранд. Лекин дар чанд моҳ либосамонро накашида будему моро шабушк зер карда буд. Либосҳои моро кашида дар майдон оташ заданд. Дар даромади ҳаммом устоҳо мӯйи сару баданамонро тоза мекарданд. Духтарон моро шуста, баъд назди табибон мебурданд. Ман аҳволам бад буд. Ин саҳнаҳоро каму беш ба ёд дорам. Хулоса, дар Сочи дасту пойи маро, ки маҷруҳ шуда буд, баставу ба Боку мефиристанд. Аз он ҷо ба Қаршӣ меоранд, вале ман беҳбуд наёфтам. Дар ин давра, аз қисми ҳарбии мо ба хона “хати сиёҳ” меояд. Падарам бисту чил медиҳанд. Дар Қаршӣ каме беҳтар шудам. Дастам ба кор даромаду бо шеър мактуб навиштам.

Бисёр вақт аст, ки беҳушам,
На мактуб, на хабари хушам,
Сабаб он аст, ки беҳушам,
Ба даргоҳи ту менолам.

Хизматамро 5 сол шуд,
Ғарибӣ бар сарам бор шуд,
Дасту поям ярадор шуд,
Ба даргоҳи ту менолам.

Ба шаҳри Сочи хобидам,
Ба шаҳри Боку хобидам,
Ягон дармон наёбидам,
Ба даргоҳи ту менолам.

Ба шаҳри Қаршӣ меҳмонам,
Наметарсам ман аз ҷонам.
Табибон дорую дармонам,
Ба даргоҳи ту менолам.

Дасту поям мекард варам,
Табибҳо мешишт дар барам,
Оби дидем дар бистарам,
Ба даргоҳи ту менолам.

Ба Шаҳринав равон ҳастам,
Маъибу нотавон ҳастам,
Ба пойи норавон ҳастам,
Ба даргоҳи ту менолам.

Ҳамин тавр, аз Қаршӣ ба Душанбе барои табобат омада, ин ҷо ҷарроҳӣ шудаву шифо ёфтам. Падару модарам аз зинда мондани ман хабар ёфта, тӯй карданд. Барои баргаштан ба фронт омодагӣ медидам, ки фармони Сталин баромад, ки омӯзгорон ба фронт бурда нашаванд. Ҳамин тавр, ман ба кори муаллимӣ пардохтам.

Нигоҳе ба имрӯз

- Дар аввал гуфтед, ки дар ҷавонӣ орзу мекардед, то ба хизмати Ватан биравед. Вале ҷавонони имрӯза аз хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ мегурезанд. Сабаб чист?

- Он вақтҳо, ки ҷанг набуд, мо орзу мекардем. Вале ҷангҳои солҳои 90-ум мардуми моро тарсончак кард. Вале ман, ҳар ҷавонеро, ки мебинам, насиҳат мекунам, ки ба хизмат равад. Охир, ин вазифаи ҷонии ҳар як марди баномус аст.

- Шумо дар Украина ҷангидед. Имрӯз дар ин кишвар боз ҷангу хунрезӣ.

- Бале. Ман аз ахборот мебинам.

- Ба ин ҷанг чӣ назар доред?

- Мамлакатҳои Аврупо халқи русро дида наметавонанд. Масоҳати Русия ду баробари тамоми Аврупо. Боигариҳои зиёд дорад. Ҳамин аст, ки бо Русия мубориза мебаранд.

- Шумо солҳои охир чанд маротиба ба Русия рафта омадед...

- Бале. Ман ба паради ҳарбӣ дар Майдони Сурх даъват шуда будам. Ва чанд сол пеш ба шаҳри Санкт-Петербург барои гиромидошти хотираи неки қурбониёни Блокадаи Ленинград рафта будем. Моро рости гап дар ду сафар хеле эҳтиром карданд ва бо иззату обрӯ пазироӣ намуданд.

- Аз ин сафарҳоятон чӣ хотира доред?

(Давомаш дар саҳ.8)

Муҳоҷират

ДАР ЯК РӮЗ 500 НАФАР

Тоҷикон шаҳрвандии Русия мегиранд, вале Дума дар фикри бекор кардани он аст

Давоми се моҳи соли равон наздики 45 ҳазор тоҷикистонӣ ба иловаи шаҳрвандии худ ҳамчунин шаҳрвандии Русияро низ дарёфт карданд. Ин дар ҳолест, ки қонуни нави Русия тартиби бекор кардани шаҳрвандиро низ "содда" кард.

Тоҷикистон пешгом

Дар се моҳи аввали соли ҷорӣ беш аз 106 ҳазор нафар шаҳрвандони хориҷӣ шаҳрвандии Русияро гирифтанд, ки нисбат ба як соли қабл 35 ҳазор нафар камтар аст.

Тибқи омори Вазорати корҳои дохилии Русия дар бораи вазъи муҳоҷират дар давраи аз январ то марти соли 2023, бештари шаҳрвандони Тоҷикистон шаҳрвандии Русияро дарёфт кардаанд.

"Теъдоди шахсоне, ки дар моҳҳои январ-марти соли 2023 нисбати онҳо қарор дар бораи гирифтани шаҳрвандии Русия қабул шудааст, 106 320 нафарро ташкил медиҳад",- омадааст дар хабари ВКД.

Бояд зикр намуд, ки дар ҳамин давраи соли гузашта теъдоди шаҳрвандони хориҷие, ки шиносномаи Русияро гирифтанд, ба 141 663 нафар баробар буд.

Бино ба маълумоти Вазорати корҳои дохилӣ, дар се моҳи соли 2023 дар бораи гирифтани шаҳрвандии Русия аз ҷониби шаҳрвандони Тоҷикистон 44,9 ҳазор қарор қабул шудааст. Яъне ба ҳисоби миёна дар як рӯз наздики 500 нафар аз Тоҷикистон шаҳрвандии Русияро дарёфт кардаанд. Вазорат мегӯяд, ин нишондод дар давраи муайяншуда баландтарин буд.

Зимнан, ҷойҳои дуюмро шаҳрвандони Украина (22 ҳазор) ва савумро Арманистон (8,9 ҳазор) ишғол кардаанд.

Ба даҳгонаи аввал шаҳрвандони Қазоқистон (6,9 ҳазор), Қирғизистон (5,4 ҳазор), Ӯзбекистон (4,7 ҳазор), Озарбойҷон (3,7 ҳазор), Молдова (3,1 ҳазор), Белорус (2,4 ҳазор) ва Туркманистон (912 нафар) шомил буданд.

Кӣ аз шаҳрвандӣ маҳрум мешавад?

Дар ҳоле, ки шаҳрвандони Тоҷикистон барои шиносномаи русӣ талош мекунанд, ба Қонун "Дар бораи шаҳрвандии Русия" тағйирот ворид гардида, мутобиқи он номгӯи чиноятҳое, ки содир кардани онҳо ба бекор кардани шаҳрвандии Русия боис мегардад, зиёд шуд.

Дар ҳамин ҳол, танҳо онҳое аз шаҳрвандӣ маҳрум мешаванд, ки онро на аз рӯи ҳуқуқи таваллуд, балки дар натиҷаи қабул ба шаҳрвандӣ гирифтаанд. Аксарияти кулли шаҳрвандони Тоҷикистон, ки душаҳрвандӣ доранд, ба ин гурӯҳ дохил мешаванд.

Президенти Русия Владимир Путин қонуни навро "Дар бораи шаҳрвандӣ" дар таҳрири нав имзо кард. Акнун шаҳрвандии Русияро, ки ба даст оварда шудааст, аз ҷумла барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз рӯи моддаҳои вобаста ба фейкҳо ё худ маълумоти бардурӯғи ҳарбӣ (моддаи 207.3-и Кодекси ҷиноятӣ) ва «бадному беобрӯ» (дискредитатсия) кардани қувваҳои мусаллаҳ (моддаи 280.3-и Кодекси ҷиноятӣ) гирифта метавонанд. Қонуни нав дар сомонаи иттилооти ҳуқуқӣ нашр шудааст.



- иштирок дар ташкилоти ғайридавлатии хориҷӣ ё байналмилалии номатлуб.

Акнун пас аз ворид намудани тағйирот, шаҳрвандии ин нафарон бекор мешавад:

- бадному беобрӯкунии Қувваҳои мусаллаҳи Русия;

- содир намудани амалҳои хатаровар ба амнияти миллӣ;

- даъвати оммавӣ ба вайрон кардани тамомияти арзӣ;

- даъватҳои оммавӣ ба ифротгароӣ (экстремизм);

- ошӯби мусаллаҳона;

- сӯиқасд ба ҳаёти ходими давлатӣ ё ҷамъиятӣ;

Қонуни мазкур дар пасманзари амалиёти махсуси низомии Русия дар қаламрави Украина қабул шуд ва як ҷузъи асосиву нозуки он "бадном кардани артиш" аст, ки дар моддаи 280.3-и Кодекси ҷиноятии Русия зикр шудааст.

Аммо худи мафҳуми бадномкунӣ дар модда оварда нашудааст, ки ба суд ҷиҳати шарҳу тафсири озодонаи он имкон медиҳад. Масалан, барои шӯхӣ дар Интернет, саркашӣ аз хизмат дар артиш ва ё ягон ҳаҷв низ суд метавонад шаҳрвандиро бекор кунад.

Яъне аз ин ба баъд тоҷиконе, ки шаҳрванди Русия мешаванд, дар сари мӯ қарор мегиранд, зеро ҳар баҳона метавонад онҳоро аз шиносномаи русӣ маҳрум кунад...

Д. ҚОДИРПУР

ВАКИЛОНИ ТОҶИК СОҲИБИ ПЛАНШЕТ ШУДАНД

Барои вакилони Маҷлиси намояндагон, палатаи поёнии парлумони Тоҷикистон планшет ва компютерҳои нав харидаанд.

Дафтари матбуотии Маҷлиси намояндагон гуфтааст, ки 65 планшет ва чанд адад комютеру дастгоҳи чопӣ "барои беҳтар ва шаффоф намудани раванди муошират ва қабули дархостҳои шаҳрвандон" гирифта шудаанд.

Палатаи поёнии парлумони Тоҷикистон 63 вакил дорад. Тарафдорони ҳукумат нақши парлумонро дар ҳаёти сиёсии кишвар муассир мехонанд, аммо мунтақидон мегӯянд, ки парлумони имрӯзаи Тоҷикистон зери нуфузи ҳукумат қарор дорад ва қонунҳоро бидуни баҳс қабул мекунад.

ТОҶИКИСТОН ТАЛАБГОРИ ҚОЛИНҲОИ ӮЗБЕКИСТОН

Тоҷикистон дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ мақоми воридкунандаи асосии қолин аз Ӯзбекистонро нигоҳ дошт. Дар ин бора Оҷонсии омори ин кишвар хабар медиҳад.

Ҳаҷми умумии содироти ин навъи маҳсулот аз моҳи январ то марти соли 2023 беш аз 12 млн долларро ташкил додааст. Ҳамин тариқ, ин нишондиханда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5,4 млн доллар афзоиш ёфтааст. Гуфта мешавад, ки Тоҷикистон ба маблағи 1,5 млн доллар қолин ворид кардааст. Қолинҳои Ӯзбекистонро аз ҳама беш Озарбойҷон ба маблағи 1,3 млн доллар харидорӣ намудааст. Ҳамчунин Русия низ дар сафи кишварҳои воридкунандаи қолинҳо шомил аст.

Рӯзи Ғалаба

АЗ ҚИССАҲОИ ДУ ҶАНГ ТО «ГИЛА» АЗ ПРЕЗИДЕНТ

(Аввалаш дар саҳ.7)

- Аслиҳаи нави Русия маро ба ҳайрат меорад. Дар замони мо чунин силоҳҳо набуд. Ҳозир як ярокҳо баровардаанд, ки ҳуши одам меравад.

- Агар ҷавон мебудед, ягон снайпери нағзашро ба даст мегирифтед?

- Бале. Сенайпери мо ҳам бад набуд. 10 маротиба наздик ва 10 маротиба калон карда нишон медод. Мо аз мундираш немиса мешинохтем. Буз барин бошад, фил барин нишон медод. Мо ҳамеша тори дарахт мегаштему дар боми хонаҳо...

"Гила" аз Президент

- Як суҳбати шумо бо Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар интернет машҳур шуд...

- Бале. Ин вохӯрӣ 4 сол қабл буд. Пеш аз ман як писар суҳбат кард, журналист будааст. Президент саволборон карданд, гаранг шуд. Як духтарак ҳам нағз суханронӣ кард. Чун навбати ман расид, аз ободиву дастовардҳо таъриф кардам. Ба ман ягон савол надоданд. Шояд синну соли 101-солаи маро ба назар гирифтанд. Дуо додам. Баъди дуо чун президент изҳори миннатдорӣ карданд, гуфтам: "Ҷаноби Олӣ, ман аз шумо гила дорам". Ин ҷо роҳбарони ноҳия тарсидаанд, ки мабодо аз мо шикоят накунад. "Гилаи ман ҳамин ки нисбат ба ноҳияи Ҳисор ва Турсунзода ба ноҳияи мо кам меоед. Агар шумо тез-тез биёед, роҳҳо васеъ мешавад, иморатҳо қад мекашанд сериву пурӣ мешавад",- гуфтам. Президент баъди маҷлис пеши ман хеста омаданд. Пурсиданд, ки кампиратон ҳастанд? Ман гуфтам кампир мурдагӣ. "Ҳозир аз ҳамин ҷо як кампира никоҳ карда, тӯй карда диҳам?",- гуфта пурсиданд президент. Ман гуфтам, ки Ҷаноби Олӣ, барои кампир тиру дору нест. Хандиданд ва гуфтанд, ки равед ман ба шумо туҳфа мефиристам. Баъди хона омадан як-якуним соат нишаста будам, ки раисони Шаҳринаву Ҳисору Турсунзода бо Ёрдамчии Президент Раҳмонов даромаданд. Аз мошин 2 халта орд, ду халта биринҷ, равған, пиёзу картошкаву сабзӣ, як гӯсфандро кушта дар дока печонидагӣ... хулоса маҳсулоти хӯрокворӣ оварданд. Тоқиву ҷома, курта, шиму костюми нав пӯшониданд. Илова бар ин 1000 сомонӣ пул ҳам доданд. Ман дуо додам. Баъди ин тез-тез хабар мегирифтагӣ шуданд.

Асрори умрдарозӣ

- Чанд фарзанд доред?

- Ман 4 писару 4 духтар дорам. Як духтарам гузашт. Ҳамаи фарзандонамро хонондам, ҳама соҳиби зиндагии ободанд.

- Шумо 104 сол доред. Шукр ки бардаму солим ҳастеду қувваи ҳофизаатон низ хуб аст. Чӣ сирре ин ҷо ҳаст?

- Се гумон дорам:

Якум - дуои мардум. 47 сол омӯзгор будам, фарзанди халқро дар роҳи нек тарбия кардам. Албатта падару модари ҳаминҳо аз ман розӣ будагистанд...

Дуюм - дуои намозгузорон. Солҳои пеш дар ин ҷо масҷид набуд. Дар деҳа масҷид сохтем. Ман барои сохтмони масҷид бисёр талош кардам. То идораҳои боло давидам ва баъдан қисми зиёди корҳои устогиашро худам анҷом додам.

Сеюм - дуои падар. Дар зиндагии модарам ба падарам ду зан гирифта додам, ки ҳар ду аз зани худам 10-солӣ хурд буданд. Модари ман дардманд буданд. Як рӯз падарам хеле парешон хонаи ман омаданд. Дар ҳамсоягии мо як ҷавонзани аз шавҳараш ҷудошуда буд. Розигиашро гирифта ба падарам никоҳ карда додам. Се фарзанд таваллуд кард. Дар ҳомиладории дувум дар шикамаш сегоник будааст. Ҳасану Ҳусейн таваллуд шуданд. Дар вақти таваллуди тифли сеюм ҳам кӯдак фавтид, ҳам худаш. Боз кофта-кофта як ҷавонзани бефарзандро ба падарам гирифта додам. Фарзандони падарро ба воя расонид. Ҳоло ҳам зинда аст. Падарам дар ҳузури ҳама ба ман дуо доданд ва аз ман розӣ аз дунё рафтанд...

- Як дуо барои хонандагону бинандагони мо.

- Илоҳо, ҳеҷ гоҳ ҷанг нашавад...

Мусоҳиб Одил НОЗИР



ЁДГОРЕМ МАНУ ТУ ЗИ ҲУМОЮННАЗАРОН

ба муносибати 70-солагии шоир Муфаззали Аҷамрод

Дар китоби “Наҷвои муҳаббат”-и шодравон Муфаззали Аҷамрод аввал чизе, ки ба чашм мехӯраду ба эҳсос мерасад, руҳияи солим, руҳияи қавии ҷавонмардона, эҳсоси баланди инсондӯстиву миллатпарастист. Ҷиҳати дигар дар саросари ашъори Аҷамрод воқеан наҷвои муҳаббат аст ва шоир беҳуда ин номро ба китоби худ нагузоштааст.

Аҷамрод худро вориси воқеии фарзандони баномуси Ватан меҳисобад. Дар аввалин шеъри ин китоб, ки “Ворисон” ном дорад, ӯ ифтихоромез мегӯяд:

Ёдгорем ману ту зи
ҳамоюнназарон,
З-он бузургон падарон -
Родмардони баномусу
мубаррогуҳарон,
Ориёинасабон,
пурҷигарон, пурҳунарон
В-аз ҳама неку бади даври
қамар бохабарон,
Сулҳҷӯёни зи пархошу
ситам беҳазарон,
Баҳри хоки Ватану исмати
Миллат сипарон,
Дар зарурат ҳама хунрези
сафи фитнагарон-
Мотами кинаварон,
Сарбаландии ҷаҳон,
Шарафи давру замон...

Муфаззал дар ҳамин як пораи кӯчак кӯшидааст тамоми сифатҳои ҷавонмардонаи таърихии миллати худ, гузаштагони худро таҷассум кунад. Ва ин сифатҳои наҷиби падарон, мисли ин ки аз дили ҷӯшони ӯ чун фавворае пайи ҳам ҷӯшида мебароянд. Ва боз дар тасвири ин сифат ногуфтаҳо дорад:

Он азизон, ки зи як шамъ
ҳазорон машъал
Дар раҳи зулмати аҳди
куҳан афрӯхтаанд,
Дар завоёи махуфи шаби
обистани рӯз,
Рӯзи обистани шаб....

Ӯ сифати гузаштагон-падарони худро дар ибораҳое чунин: ”мисли дайҷуршаб аз қалби шаб асрорбаре”, “ҳамадоне”, “ҳакаме”, “сеҳргаре”, “То зи пешомади қисмат бикунад муждаварӣ”, ”дар ҳарими фалаки пир мучаллоқамаре”, “дар дили шаб шавад ойина ба ёди саҳаре” ва ғайраҳо таҷассуми бадеъ мебахшад.

Ва ин ҳама суханҳои бо эҳтирос гуфташуда беҳадаф нестанд ва ҳадафашон ин аст:

Ай ватандор!
Ватан Модари ҷони ману туст,
Сарзаминест муқаддас зи
дами субҳи нахуст!
Мову ту ҳуҷҷати гӯёи
абармардонем,
Ҳамнажодони Фаридуну
зафармандонем,
Вориси Маздаку
Дорову Каюмарсонем,
Ҳамрадифони навоҳои
куҳандастонем,
Аз каён то ба кунун
мардуми олишонем,
Воҷиб он аст, ки худ
ҷавҳари худро донем!

Дар ин пора ба ҷуз баёни ифтихоромези руҳияи ҷавонмардонаи гузаштагон, барои банда ҷолиб як тарзи тозаи баёни муаллиф дар ибораи “ҳуҷҷати гӯёи абармардон” будани мо мебошад, ки бори аввал вохӯрдаам.

Ва хулоса аз ин шеъри ватандӯстона низ даъватест пандомез , ки ба фарзандони замон нигаронида шудааст:

Ҳамватан!
Мову ту бояст ба сони падарон
Дар ҳама марзи Ватан тухми
садоқат корем!
Ҳамчу фарзанди ҳунарманд ба
имдоди вафо
Парчами Ваҳдати миллат ба
само бардорем!

Матои асосӣ, тору пуди ашъори Муфаззали Аҷамрод ишқ аст, ишқу муҳаббат, ки дар саросари навиштаҳояш ҳузуру зуҳур дорад:

Ай ишқ, биё, нишонаат ку?
Базму тарабу таронаат ку?
Шайпуру дафу чағонаат ку?
Он оташи садзабонаат ку?
Бархез, ки мо туро навозем,
Дар кӯкӯраи сидқ дил гудозем!

Дар шеъри”Эҷоди азал” шоир сабабҳои ба ишқ гаравидани худро гуфтааст ва мо дарк мекунем, ки ин ишқ ишқи оддӣ набуда, балки азалист:

Ишқ эҷоди азал дар олам аст,
Ибтидои ибтидоҳо з-он дам аст.
Ҳастии ҳар унсур аз ӯ ҳаст шуд,
Одамӣ бо ишқ зоти одам аст!

Ҷолиб аст, ки шоир асоси бунёди оламу одамро аз ишқ меҳисобад.

Шоир дар шеъри дигар мекӯшад фалсафаи маргу зиндагиро дар моварои вақт дарёбад. Ва ба саволи “Таҳайюр”:

Лек зодан сазои мурдан нест,
Одамӣ зери хок бурдан чист? -

чунин посух медиҳад:

Зиндагонӣ равона дар вақт аст,
Ҳамрикоби замона дар вақт аст.
Одами некному некахтар
Ҳамчунон ҷовидона дар вақт аст.

Яке аз шеърҳои ҷолиб дар китоби мазкур”Корномаи Пешво” ном дорад, ки ба зуҳуроти таърихии дар Роғун пеши дарёи Вахшро бо булдозер бастани Пешвои миллат бахшида шудааст. Ҷолиб аз он ҷиҳат, ки шоир дар як пораи кӯчак тавонистааст манзараву моҳияти ин корномаи Пешвои Миллатро таҷассум созад:

Зи зӯри рахши оҳантан
Ва ҷӯши ғайрати бебоктинат
Рустами бонангу соҳибфан
Замини водии Вахшобу кӯҳу
бора меларзид,
Нагунсар сӯи маҷро сахраҳои
хора мелағзид...
Аз ин ҳангома рӯди Вахш аз ҳар
саркашӣ бигзашт,
Сари таслим пеш афканду аз
дарёвашӣ бигзашт.

Ҷолиб ин аст, ки шоир на бо тавсифи рӯирости Пешво, балки тавассути тасвири зинда ин манзараро ба қалам додааст ва ин таъсири бештар дорад ба хонанда аз тавсифи холӣ. Ва дар ин радиф Муфаззал вожае месозад “дарёвашӣ”. Чунин хусусияти эҷодии ӯ вожасозӣ, ки пайваста дар шеърҳои ӯ мушоҳида мешавад, низ худ гувоҳи табъи равони шоир аст, ки ба ин мавзуъ бозхоҳем гашт. Оқибат, ҷамъбасти ин шеъри кӯтоҳ чунин аст:

Барӯмандона дарёро чу баст
ин марди равшандил
Ба хоки тира яксон гашт
он андешаи ботил.
Ки тоҷик Кохи нури хештан
бунёд натвонад.
На!
Ин Сарвар кунад коре, ки
сад Фарҳод натвонад!
Зиҳӣ, ай нусратойин Пешвойи
миллати тоҷик,
Нигаҳбонат Худо бошад барои
миллати тоҷик!

Мавзуи ашъори Муфаззали Аҷамрод чунонки дидем, ё мансуб ба ватандӯстиву инсонпарваиву ҷавонмардист ва ё мансуб ба ишқи поку содиқона . Ин ду хати сурхе, ки аз аввал то охир ҳамрадифи ашъори ӯст. Аммо дар китоби номбурда бо баъзе шеърҳое метавон воҳӯрд, ки мансуб ба даврони ҷанги бародаркуш мебошанду андак дилмондагӣ ва ноумедӣ аз давру замон дар онҳо эҳсос мешавад, аммо дар онҳо ҳам руҳияи ҷавонмардӣ ва адолатпарварии муаллиф падидор аст. Аз ҷумла, метавон шеъри “Зи миён бигрезам”-ро мисол оварад, ки бо сарбайти ғазали машҳури Хоҷа Ҳофиз” ин чӣ шӯрест, ки дар даври қамар мебинам...” оғоз мешавад:

Вақти он аст, ки аз дасти
замон бигрезам,
Пеш аз марг аз ин сифла
ҷаҳон бигрезам.
Бесаботӣ маҳаки ғафлату
имон шудааст,
Тири оҳам, ки зи зиндони
камон бигрезам.
Ман мусалмонаму аммо зи
мусалмон тарсам,
Аз мусалмони силаҳдор
ниҳон бигрезам.

Шоир ҳолати руҳии худ ва замона, ҳама даҳшати замони ҷанги бемаънову беҳадафи бародаркушро бо сӯзу гудоз ба қалам медиҳад. Ва дар байти дуюми ин шеър тавассути тарзи классикии истифодаи ҳунару санъати бадеъ тавонистааст тасвире шоиронаву дархӯрди ҳадафи худ эҷод кунад. “Маҳаки ғафлату имон “ шудани “бесаботӣ” ва “тири оҳ”-е, ки аз “зиндони камон” “мегурезад” далели гуфтаҳои моянд.

Ин шеър соли 1994 навишта шудааст, яъне шоир ҳанӯз ҳамон вақт хостааст мардумро аз оқибатҳои мудҳиши ҷанги бародаркуш ҳушдор диҳад. Бале, дар он замон мардуми маҳалгаро ба ду тоифаи муқобили ҳамдигар тақсим шуда буданд, аммо тоифаи дигар тоифаи сеюм низ буд, ки ҳанӯз дар он замон мавқеи дурусту қавии ватандӯстона доштанду бар алайҳи ду тоифаи аввал ҷонибдори ягонагии Меҳан ва сулҳу салоҳ буданд ва шоири мо намояндаи он тоифа буд.

То бипурсам, ки бародаркушии
тоҷик чист
В-ин чӣ расмест, ки аз
ҳамватанон бигрезам?!
Ё ки ин тоифа ҳаммиллати
мо нест магар,
Девзоданд ва ё з-аҳриманон
бигрезам?!

Аммо шоир умедвор аст, ки “ҳотифи ғайб” “муждаи сулҳ” хоҳад дод.

Эътимоду эътиқоди шоир ба сухан беандоза аст ва ин сатрҳо дар шеъри ӯ чун қасам садо медиҳанд:

Агар бо Сухан розам ифшо
надорам,
Ту гӯӣ дар ин хок маъво надорам.
Фурӯғи хирад бе Сухан
тира гардад,
Маҳи пушти абрам, ки
симо надорам.

Эътиқоду эътимоди шоир ба сухан (дар ин ҷо сухан-шеър аст) то ҷоест, ки ӯ дар ҳама ҷо ин вожаро бо ҳарфи калон менависад.

Шеърҳои “Чакомаи вақт-модар”, “Падар”, “Саразм”, “Варта” (ушшоқи муҳоҷирони меҳнатӣ), “Хашми равшанрой”, “Кохи ёдгори Лоиқ”, “Арғануни арғавонӣ” ҳар яке барои пажуҳиши муфассал мавзуъ медиҳанд, зеро аз дили гарму сиришти инсондӯстонаи муаллиф берун ҷастаанд ва ҳадафҳои неки эҷодиро пайгирӣ кардаанд. Дар онҳо симоҳои тасвиршуда рангу намои хоси худро доранд.

Дар боби шеърҳои “Хуррамбаҳори Ватан” дар шеъри Навид”, ки иборат аз чаҳор қисмати кӯчак аст, Аҷамрод кӯшидааст ба тариқе наву тоза аз чиҳати баёну сохтор, ки услуби Муҳаммад Иқболро ба ёд меорад, шеър гӯяд, ки ҷолиб аст. Як банди он чунин аст:

Боз ба ин сарзамин фасли
муборак расид,
Аҳли Ватанро навид:
Сардии дай орамид,
Хоби табиат парид.
Рози само шуд падид,
Абр ба гардун хазид,
Раштаи борон танид,
Шамс зиё оварид,
Тирукамон офарид,
Навда нафас даркашид,
Шаҳди муҳаббат чашид,
Сабза ба ҳар ҷо дамид,
Дил зи массарат тапид!
Боз ба ин сарзамин фасли
муборак расид.

Ҳама хабарҳо дар ҷойи худанд. Сифат ва тасвирҳои чидашуда бе бадеият нестанд: аз ҷумлаи: орамидани сардии дай, паридани хоби табиат, падид шудани рози само, хазидани абр ба гардун, танидани риштаи борон, оваридани шамс зиёро, офаридани тирукамон, нафас даркашидани навда, чашидани шаҳди муҳаббат ва ғайра.

Ва ба ҳамин минвол се қисмати дигар.

Қисмати бузургу асоси эҷодиёти Муфаззали Аҷамрод ғазалиёт аст, ки таҳти унвони “Оинаи ҷон” дар китоби “Наҷвои муҳаббат” ҷамъ омадааст.

Вақте шоир дар матлаъи ғазали нахустнаш менависад, ки:

Қаламро дар дуо рангин кунам,
тӯмор бинвисам,
Шифобахшандаи ҷонҳои
ғамбемор бинвисам,

бидуни шубҳа аз чунин шоир метавон шеърҳои сараеро умедвор шуд. Аввалан “қаламро дар дуо рангин кардан” тасвири тозаи шоирона аст, баъдан нияти шоирро бинед, ки бо ин қалами дар дуо рангинкарда навиштани тӯмор аст. Тӯмор, яъне муҳофизи инсон аз хатарҳо, тӯмор, яъне балогардон, аҷаб ҳадафи неки шоиронае. Ҳадаф аз ин тӯмор “шифо бахшидан бо доруи калом ба “ҷонҳои ғамбемор” аст. Аҳамият диҳед, бемори дигар не, маҳз ғамбемор ва воқеан қалам тавассути сухани баланд ин нерӯро дорад, ки ғамҳоро шифо бахшад. Яъне дар шеъри Аҷамрод таносуби сухан ҳам дар ҳар ҷо риоя мешавад ва барои баёни ҳадафҳои нек ба ӯ мусоидат мекунанд.

Аз худи ҳамин ғазал метавон чанин мисолҳое оварду, ки мақсади неки шоир дар онҳо тасвиромез баён ёфтааст:

Вафо қонуни мутаснои ишқи
поки инсон аст,
Ман ин ҳарфи муқаддас бар дару
девор бинвисам.

Аслан бояд гуфт, ки Муфаззали Аҷамрод дар иншои шеъри суннатӣ пайрави классикон аст. Ӯ бисёр озод аз таъбирҳои классикӣ истифода мебарад, омезиши баёни забону таъбирҳо ва эҳсосоти имрӯзӣ дарку қабули онҳоро ба хонанда осон гардонидаанд. Масалан:

Лолаосо, нақши доғе дар
ҷигар дорем мо,
Рахнаи девори гулшанро
назар дорем мо.
То расад пайки умеде аз
фарози бесутун,
Пираҳанчокему ҷоне дар
хатар дорем мо.

Як хусусияти шеърҳои Аҷамрод руҳияи баланди эътимод бар худ аст, ки дар аксари навиштаҳояш падидор аст. Ӯ ҳамеша худро як сару гардан боло нигаҳ медорад ва як ғурури инсонии, шояд куҳистонӣ, ҳамеша дар шахсияти ӯ падидор аст:

(Давомаш дар саҳ. 13)

СУПЕРҶОМ

«РАВШАН»-И КЎЛОБ ҶОИЗАРО АЗ «ИСТИҚЛОЛ» ГИРИФТ

6-уми май дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Ҳисор мавсими 14-уми Суперҷоми футболи Тоҷикистон баргузор шуд, ки дар он дастаҳои «Истиқлол»-и Душанбе ва «Равшан»-и Кӯлоб бо ҳам вохӯрданд.



Вохӯрӣ пуршиддат ва бо бартарии тарафҳо ҷараён гирифт ва бо ҳисоби камтарин ба манфиати «Равшан» ба анҷом расид. Ҳамин тавр, дастаи «Равшан»-и Кӯлоб бар «Истиқлол»-и Душанбе бо ҳисоби 1:0 ғолиб омада, барандаи Суперҷоми футболи Тоҷикистон-2023 шуд. Голи ягона ва пирӯзиоварро ҳамлагари «Равшан» Амирҷон Сафаров дар дақиқаи 7-ум ба ҳадаф расонд.

Дарвозабони дастаи «Равшан»-и Кӯлоб легионери украинӣ Евгений Гритсенко бехтарин бозигари бозии Суперҷоми Тоҷикистон-2023 дониста шуд.

Бозии Суперҷомро 9200 мухлис дар майдон тамошо карданд. Дар чанд рӯзи охир ин дуюмин пирӯзии «Рашан» бар «Истиқлол» аст. Чанде пеш дар доираи вохӯрии даври ҳафтуми Чемпионати Тоҷикистон шогирдони Тоҳир Муминов бо ҳамин ҳисоб дастпарварони Игор Черевченкоро мағлуб карда буданд.

ҶУДО

КЛУБИ «ҲОҶӢ ШАРИФ» БА ФИНАЛИ ЛИГАИ МИНТАҚАВӢ РОҲ ЁФТ

6-уми май дар Маҷмааи варзишии «Игоровой»-и шаҳри Маскави Федератсияи Русия марҳилаи дуюми мусобиқаи байналмилалии Лигаи минтақавии ҷудо байни дастаҳои мардона баргузор шуд, ки дар он аз Тоҷикистон дастаи клуби «Ҳоҷӣ Шариф» иштирок кард ва ба финал роҳ ёфт.

Дар марҳилаи дуюм 16 даста дар чор гурӯҳ барои ҳашт роҳхат ба финал рақобат карданд. Клуби ҷудои «Ҳоҷӣ Шариф» дар як гурӯҳ бо клубҳои «Урал-Сибири Ғарбӣ» (Екатеринбург), «Турбостроител» (Санкт Петербург) ва «Jenys» (Қазоқистон) сабқат карда, ҷойи дуюмро ишғол кард ва ба финали Лигаи минтақавии ҷудо роҳ ёфт.

Ба ҳайати дастаи Клуби ҷудои «Ҳоҷӣ Шариф» дар вазнҳои -66 кг Фирӯз Мелибойзода, Обид Ҷебов, вазни -73 кг Абубакр Шеров, Муҳаммадшариф Наҷмиддинов, -81 кг Муҳаммадҷон Абдуҷалилзода, - 90 кг Ҳақназар Назаров, +90 кг Шакармамад Мирмамадов ва Мансур Раҳмон шомиланд.

Варзишгарони мо дар се рақобат бар дастаҳои «Турбостроител» ва «Jenys» ғалаба карда, аз дастаи «Урал-Сибири Ғарбӣ», ки дар гурӯҳ ҷойи аввалро гирифт, шикаст хӯрд.

Дар Лига дар маҷмуъ 24 дастаи пурқувват аз Русия, Белорус, Қазоқистон, Сербия, Эрон, Тоҷикистон ва Ҳиндустон иштирок доштанд ва аз миёни дастаҳои хориҷӣ танҳо Клуби «Ҳоҷӣ Шариф» ба финал роҳ ёфт.

Дар марҳилаи ниҳоӣ, ки 8-уми июл дар назар аст, 8 дастаи бехтарин барои 6 миллион рубл тибқи «системаи олимпӣ» бидуни набардҳои такрорӣ мубориза мебаранд.



ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

«ЭСХАТА» БА ЗИНАИ АВВАЛИ ҶАДВАЛИ МУСОБИҚА БАРОМАД

Рӯзҳои 4 ва 5-уми май бозиҳои даври ҳаштуми Чемпионати футболи Тоҷикистон байни дастаҳои Лигаи олӣ баргузор шуданд, ки дар натиҷа дастаи «Эсхата»-и шаҳри Хуҷанд баъд аз пирӯзӣ бар «Файзканд»-и ноҳияи Восеъ ба зинаи якуми ҷадвали мусобиқа баромад.



Вохӯрии дастаҳо дар варзишгоҳи «Спартак»-и шаҳри Хуҷанд баргузор гардида, бо ҳисоби 1 бар 0 ба фоидаи мизбонон анҷом ёфт. Ягона голро дар дақиқаи 23-юми бозӣ Дилшодҷон Каримов ба нишон расонд. Аз ҳайати «Файзканд» Ҷозеф Феумба ба иллати дағал бозӣ кардан дар дақиқаи 64-уми вохӯрӣ корти сурх гирифт. Дилшодҷон Каримов аз ҳайати дастаи футболи «Эсхата»-и шаҳри Хуҷанд бехтарин бозингари вохӯрӣ дониста шуд. Пас аз ин ғалаба дастпарварони Игор Суров ба садри ҷадвали мусобиқот баромаданд. Ҳоло даста дар ҳисоб 13 имтиёз дорад.

«Истиқлол»-и Душанбе як бозӣ дар ихтиёр дошта, ҳоло бо 11 имтиёз дар зинаи дуюм аст. Дастаи футболи «Файзканд»-и ноҳияи Восеъ бо 9 имтиёз дар зинаи 4-уми ҷадвали мусобиқот ҷой гирифтааст.

Дар ҳамин давр «Хуҷанд» дар майдони худ аз КМВА бо ҳисоби 0:2 мағлуб шуд. «Регар-ТадАЗ» дар майдони худ аз «Кӯктош» бо натиҷаи 1:2 шикаст хӯрд.

Дар даври ҳафтум «Эсхата» дар ноҳияи Фархор аз дастаи «Ҳосилот» бо ҳисоби 0 бар 1 мағлуб шуд. «Файзканд»-и ноҳияи Восеъ дар варзишгоҳи «Нефтяник» ба муқобили дастаи «Регар-ТадАЗ»-и шаҳри Турсунзода бо ҳисоби калони 5 бар 1 ғалаба кард.

Ҳоло дар даври навбатии Чемпионати Тоҷикистон дастаи «Эсхата»-и шаҳри Хуҷанд дар ноҳияи Рӯдакӣ бо дастаи «Кӯктош» рақобат мекунад. Вохӯрии дастаҳо 13-уми май дар варзишгоҳи «Нефтяник» доир мегардад. «Файзканд»-и ноҳияи Восеъ дар даври навбатӣ 14-уми май бо «Равшан»-и шаҳри Кӯлоб бозӣ мекунад.

РЕЗААХБОР

21-уми май дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ Рӯзи миллии дав баргузор мешавад. Дав дар пойтахт соати 7:30 аз буриши хиёбони Карамова-Ҳофизи Шерозӣ оғоз шуда, то Наврӯзгоҳ идома мекунад. Ҳамчунин, пеш аз оғози ин дав пойгаи дучархаронҳо низ баргузор хоҳад шуд.

***

Дар Давҳаи қатар Чемпионати ҷаҳонии ҷудо идома дорад. Дар он варзишгарони тоҷик низ ширкат доранд. Эмомалии Нуралӣ ва Шаҳбоз Саидабуроров (ҳарду -66 кг), Бехрӯз Хоҷазода (-73 кг) ба даврҳои дигар роҳ наёфтанд. Дар идомаи мусобиқа Сомон Маҳмадбеков ва Шодмон Ризоев (ҳарду -81 кг), Комроншоҳи Устопириён (-90 кг), Темур Раҳимов (+100 кг) набард хоҳанд кард.

***

Дар рӯзи 9-уми Чемпионати бокси ҷаҳон дар Тошканд 2 муштзани тоҷик Меҳроҷ Зоидов ва Некрӯз Салимов баромад карданд. Меҳроҷ Зоидов (54 кг) дар даври аввал хуб баромад кард, аммо дар даври дуюм мағлуб шуд. Некрӯз Салимов (75 кг), ки бо мағлуб кардани Мдахома Муҳаммад ва Давид Тшама ба даври сеюм роҳ ёфта буд, дар даври ҳаштякниҳоӣ муқобили Аран Каҷоши аз Албания бо ҳисоби 5 бар 0 бо қарори якдилонаи доварон музаффарият ба даст овард. Ҳамакнун, дар даври чаҳорякниҳоӣ Некрӯз Салимов муқобили Фендеро Морено аз Фаронса нерӯсанҷӣ мекунад.

***

Навраси тоҷик Муҳаммад Соҳибзода зери вазни 42 кг дар мусобиқаи Abu Dhabi Grand Slam AJP Ture дар намуди ҷиу-ҷитсу барандаи нишони заррини мусобиқа гардид. Дар ин мусобиқа навраси тоҷик бо мағлуб кардани ду намояндаи кишвари мизбон ба гирифтани нишони тилло даст ёфт. Ин аввалин нишони заррини Муҳаммад дар ин мусобиқа махсуб мешавад. Муҳаммад Соҳибзода омодагиҳояшро барои ширкат дар Чемпионати ҷаҳонии ҷиу-ҷитсу идома медиҳад.



Тасмим



ДАР ХУҶАНД “ШАҲРИ БЕХАТАР” МЕШАВАД

Баъди Душанбе ва Хоруғ дар шаҳри Хуҷанд - маркази вилояти Суғд ҳам дурбинҳои назоратии “Шаҳри бехатар” пайдо мешаванд. Ин тарҳ бо маблағи 25 млн доллари ИМА аз сӯи як ширкати чинӣ амалӣ хоҳад шуд.

Тасмими мазкур дар мулоқоти Рачаббой Аҳмадзода, раиси вилояти Суғд ва Ли Ян, муовини директори ширкати технологии “Хуавей” дар Тоҷикистон, ки санаи 5-уми май баргузор шуд, гирифта шудааст.

Ба иттилои маркази матбуоти раиси вилояти Суғд, ҳадаф аз татбиқи лоиҳа назорати ҳаракати нақлиёт, пешгирии садамаву қонунвайронкуниҳо ва ҳодисаҳои нохуш арзёбӣ мешавад.

Ҷонибҳо вобаста ба амалисозии лоиҳа мубодилаи афкор намуда, дурнамои ҳамкориро баррасӣ кардаанд.

Аз дафтари матбуотии раиси вилояти Суғд мегӯянд, ки корҳои насбкунии дурбинҳои назоратӣ эҳтимол нимаи дувуми соли равон шуруъ шавад.

Ахиран тарҳи “Шаҳри бехатар” дар шаҳри Хоруғ низ роҳандозӣ шуда буд. Раёсати ВКД дар ВМКБ охири моҳи март хабар дод, ки давоми як ҳафта бо кумаки ин дурбинҳо ҳафт ҳолати вайрон намудани қоидаи роҳ аз ҷониби ронандагон тавассути ин низом ошкор шудааст.

Ёдовар мешавем, ки дар шаҳри Душанбе низоми “Шаҳри бехатар” 31-уми октябри соли 2013 фаъол гардида буд.

Ҳамасола ба воситаи “Шаҳри бехатар” қоидавайронкуниву қонуншиканиҳои зиёд ошкору пешгирӣ карда мешаванд. Инчунин, ҳар сол аз ҳисоби ҷаримаи қоидавайронкунҳову қонуншиканҳо тавассути ин низом миллионҳо сомонӣ ба буҷети давлат ворид мешавад.

Эътироз

ТОҶИКОН АЗ БЕЛОРЕТСК РОНДА ШАВАНД!

Рӯзи 3-юми майи соли 2023 дар шаҳри Белоретски Ҷумҳурии Бошқирдистони Русия издиҳоми иборат аз тақрибан 60 нафар аз сокинони маҳаллӣ дар назди хонае, ки муҳоҷирони тоҷик зиндагӣ доранд, ҷамъ шуда, аз Белоретск кӯчонидану ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳоро талаб карданд.

Бино ба гузориши База, муноқишаи қавмӣ дар Белоретск аз он сар шуд, ки ду духтари маҳаллӣ ба волидони худ шикоят кардаанд, ки ду ҷавон аз Тоҷикистон бо мошин ба наздашон омада, гӯё ба онҳо гап партофтаанд. Падари яке аз ин духтарон аз моҷаро хабар ёфта, ба пеши он ду ҷавон рафтааст. Баҳси онҳо ба занозанӣ печидааст ва гӯё ҷавонони тоҷик падари духтарро латукӯб кардаанд.

Хабари латукӯби сокини маҳаллӣ аз ҷониби муҳоҷирони тоҷик дар шаҳри хурди Белоретск зуд паҳн шуд ва баъди муддати кӯтоҳе дар назди хонаи муҳоҷирони тоҷик як издиҳоми бузурги иборат аз тақрибан 60 нафар аз сокинони маҳаллӣ гирди ҳам омад. Мутаассифона, муноқишаро бо роҳи сулҳомез ҳал карда нашуд ва пулис мачбур шуд, ки ба ин муноқиша ҳамроҳ шавад. Кормандони пулис муҳоҷирони тоҷикро боздошт карда, бо худ бурданд.

Ҷавонони тоҷик дар ҷараёни бозпурсӣ гап партофтанашон ба духтарони маҳаллиро рад кардаанд. Ба ин далел, пулис нисбат ба ду муҳоҷири тоҷик дар ҳоли ҳозир ба сабаби латукӯби падари яке аз он ду духтар танҳо бо иттиҳоми авбошӣ парвандаи ҷиноятӣ кушодааст.



Шаҳри Белоретск дар соҳили дарёи Белая, шохоби дарёи Кама, дар 245-километрии ҷанубу-шарқи Уфа ва 90-километрии шимоли шаҳри Магнитогорски вилояти Челябинск ҷойгир шудааст.

Ёдоварӣ

МАРГИ НАБЕРАИ ГЕНЕРАЛИ ТОҶИК ДАР УКРАИНА




Дар шаҳри Жукови вилояти Калугаи Русия ба шарафи зодаи Тоҷикистон ва сокини ноҳияи Жуков Аслам Файзиев, ки дар ҷанги Украина кушта шуд, дар канори роҳ як лавҳаи ёдгорӣ насб кардаанд.

Аслам Файзиев набераи генерали марҳуми тоҷик Зуфар Мирбобоевич Файзиев, сардори собиқи ситоди кул ё Генштаби артиши Тоҷикистон ва яке аз асосгузорони артиши кунунии ин ҷумҳурӣ буд.

Дар лавҳ Аслам Файзиев бо либоси ҳарбӣ, дар даст автомат аксбардорӣ шудааст. Дар кител ва кӯлоҳи ӯ ҳарфи Z - рамзи ҳамлаи артиши Русия ба Украина дӯхта шуда, дар паҳлуи акс ин навиштаро мебинем:

Аслам Файзиев ҳамагӣ 24 сол дошт. Ӯ Академияи кӯшунҳои танкии Русияро хатм карда буд, вале дар артиш хидмат намекард. Баъди оғози ҳамлаи Русия ба Украина Аслам Файзиевро ба артиши Русия даъват карда, ба Украина фиристоданд. Ӯ дар як дивизияи кӯшунҳои танкӣ хидмат мекард ва моҳи сентябри соли 2022 дар набардҳо дар вилояти Харков кушта шуд. Артиши Русия дар пайи талафоти вазнин он вақт дар ниҳоят аз вилояти Харков ақибнишинӣ кард. Дар аввали моҳи ноябри соли 2022 ба Аслам пас аз маргаш ордени “Мардонагӣ” доданд.



Ҷиноят ва ҷазо

ЧАРО МАРО ШАРМАНДА КАРДӢ?

Куштори ҳамсари ҷавон аз сӯи шавҳар



Шоҳҷаҳон Фаттоев, сокини 28-солаи ҷамоати Ҳаёти нави ноҳияи Ҷаббор Расулов ба куштори ҳамсари 23-солааш Дадабоева Гулчирой бо бераҳмии махсус айбдор мешавад.

Акбар Шарифӣ, сухангӯи РВКД вилояти Суғд рӯзи 7-уми майи соли 2023 дар нашри навбатии барномаи телевизионии “Милитсия хабар медиҳад”, ки ин ҳодиса соати дувоздаҳи шаби 26-уми апрели соли 2023 дар заминаи рашку бадгумонӣ рух додааст. Ин дар ҳолест, ки Шоҳҷаҳон Гулчиройро дӯст дошта гирифта буд, вале бадрашкӣ сабаби вайрон шудани муҳаббати байни онҳо гардид.

Худи Шоҳчаҳон Фаттоев дар ин гузориш нақл мекунад, ки “ба ҳамсарам гуфтам, ки чаро ин корро кардӣ ва маро дар байни мардум сарпаст кардӣ? Вай хандиду маро мазоқ кардан гирифт...”.

Ба чӣ кӯтоҳие роҳ додани ҳамсари ин марди бадрашк маълум нест, вале ВКД қаблан гуфта буд, ки Фаттоев дар дохили ҳуҷра бо телефон гап задани ҳамсарашро дида, ба ғазаб омадааст.

Бино ба гузориши Акбар Шарифӣ, Фаттоев ва ҳамсараш ҳамон шаби наҳси 26-уми апрел баъди чанд муддати номуросоӣ дар ҳавлии холаи Гулчирой дар кӯчаи Боҳирови шаҳраки Меҳробод, маркази ноҳияи Ҷаббор Расулов вохӯрдаанд. Аммо кӯшиши ба ифоқа овардани ин ҷуфти ҷавон натиҷа надодааст. Баҳси лафзии байни онҳо ба муноқиша печида, Шоҳчаҳон Фаттоев бо корд ба аъзои ҳаётан муҳими бадани Гулчирой Дадабоева 6 зарба зада, гулӯи ӯро бо корд буридааст.

ПЕТЕРБУРГ: ЯК ТОҶИК ГУЛӮИ ТОҶИКИ ДИГАРРО БУРИД

Рӯзи 5-уми майи соли 2023 дар як мағозаи фурӯши масолеҳи сохтмонӣ дар хиёбони Энгелси ноҳияи Виборг дар қисмати шимолии шаҳри Санкт-Петербурги Русия як муҳоҷири тоҷик бо корд гулӯи як ҳамватани худро буридааст.

Пойгоҳи хабарии “Патрульный Петербурга” хабар дод, ки ҷабрдидаро дар ҳолати вазнин дар бемористон бистарӣ кардаанд ва ҳамлагар дастгир шудааст.

Бино ба иттилои ин нашрия, рӯзи 5-уми май ба пулиси Петербург дар бораи дар дохили мағозаи масолеҳи сохтмонӣ дар хиёбони Энгелс аз гулӯяш корд хӯрдани як муштарӣ хабар додаанд. Кормандони пулис ба ҷои ҳодиса омада, як шаҳрванди 21-солаи Тоҷикистонро бо гулӯи бурида пайдо кардаанд.

Ҷабрдидаро дар ҳолати вазнин бо мошини “Ёрии таъҷилӣ” ба бемористон бурдаанд. Табибон дар бадани ӯ захмҳои кушодаву амиқи гулӯ ва осебҳои ҷиддӣ ба рагҳои хунгардро ташхис кардаанд.


Пулис дар ҷои ҳодиса бо изи гарм гумонбаршаванда - ҳамватани 27-солаи ҷабрдидаро дастгир кардааст. Маълум шудааст, ки ҳарду муҳоҷири тоҷик бо мақсади кор ба Петербург омадаанд.

Дар робита ба ин ҳодиса бар асоси моддаи 11-и Кодекси ҷиноятии Русия бо иттиҳоми расондани осеби вазнин ба саломатӣ парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, гумонбаршавандаро ба ҳабс гирифтаанд. Ба ӯ бар асоси ин банди қонун аз 5 то 8 соли зиндон таҳдид мекунад.

Сабаби муноқишаи байни ду ҳамватан, ки ба чунин оқибати хунин овард, маълум нест.

ХИРАШАВИИ ЧАШМ

Кадом маҳсулот нури дидаро меафзояд?



Мушкилоти хирашавии чашм имрӯз бисёриҳоро азият дода, ҳатто кӯдакон низ ба ин иллат гирифтор мешаванд. Табибон бар он назаранд, ки омили асосии ҳар гуна беморӣ набудани витамини кофӣ дар организми инсон мебошад.

Табиист, ки таркиби меваю сабзавоти тару тоза аз намудҳои гуногуни витаминҳо бой буда, барои саломатии инсон хеле муфиданд.

Оё шумо медонед, ки кадом меваҳо биниши чашмҳоро зиёд ва хирашавии чашмонро пешгирӣ менамоянд?

Ба ин савол табиби рус Валентина Меркулова ба сомонаи телевизиони "Мир 24" посух додааст.

Сабзавоту меваҳои гуногун ва дигар хӯрданиҳои лазизи дорои витаминҳо, каротиноидҳо, микроэлементҳо барои биниш хеле муфиданд.

"Инҳо барои чашм муфиданд: моҳӣ, гӯшт, тухм, чормағз, лӯбиёгӣ, меваҳои ситрусӣ, кабудӣ, сабзавот ва меваҳои гуногун, зайтун, равғани зайтун ва маҳсулоти ширӣ",- гуфтааст Валентина Меркулова.

Муттахассис қайд кардааст, ки сабзавоту меваҳои гуногун манбаи каротиноидҳо, лютеин ва зеаксантин буда, аз ин моддаҳо махсусан нахӯд, каду ва писта бой мебошанд. Моддаҳои мазкур дар зардии тухм низ мавҷуданд.

"Каротиноидҳо пардаи чашмро аз шуоъҳои ултрабунафш муҳофизат мекунанд",- мегӯяд духтур.

Меркулова таъкид кардааст, ки моҳии серравғани бахрӣ, равғани моҳӣ, маҳсулоти баҳрӣ, зағир ва тухм, инчунин навъҳои гуногуни равғани растанӣ, спанак ва алафҳои баҳрӣ аз кислотаҳои равғании омега-3 бой мебошанд. Омега-3 ба микросиркулятсияи ретина таъсири судманд мерасонад ва ҳамчун ҷузъи сохтории мембранаҳои ҳуҷайраи он амал мекунад.

“Ҳамаи ин маҳсулот ба ғизои ҳаррӯзаи инсон арзиши ғизоӣ зам мекунанд ва барои безарар гардонидани камбуди ғизо кумак мерасонанд, аммо беморихои мавҷудаи чашмро табобат карда наметавонанд, вале бо вуҷуди ин, аз парҳези мутавозин барои чашм манфиат гирифтан мумкин аст",- гуфтааст духтур.

- Беҳтарин ва муфидтарин чиз барои чашм - ин ғизои дуруст ва машқҳои мунтазам хоҳад буд,- хулоса кардааст коршинос.

КОНДИТСИОНЕР

Аз илтиҳоби мушакҳо то ОРВИ

Бо гарм шудани ҳаво мо кӯшиш мекунем, ки худамонро зери кондитсионер гирем, вале кам касон медоданд, ки он ба саломатӣ чӣ қадар зарар дорад.

Аз сабаби кондитсионер мушакҳо метавонанд илтиҳобӣ шаванд. Тағйирёбии ҳарорат, ки дар ҳуҷраҳо аз сабаби кондитсионер ба амал меояд, метавонад боиси рушди миозит (илтиҳоби мушакҳо), дарди гулӯ ва SARS (ОРВИ) гардад.

Ин беморӣ натиҷаи гипотермияи мушакҳои гардан аст. Дар натиҷа, спазми мушакҳо ба амал меояд, ки боиси дард мегардад ва бо ҳаракат он шиддат мегирад. Табобати ҳама гуна намуди миозит дорухоро бо физиотерапия муттаҳид мекунад. Тағйирёбии ҳарорат, вақте ки ҳуҷра аз ҳисоби кондитсионер хунук ва дар берун гарм аст, ба системаи масуният таъсири манфӣ мерасонад. Организм ба вирусҳо бештар ҳассос мешавад. Дар зери кондитсионер шумо метавонед танҳо хунук шавед ё дарди гулӯ гиред, зеро гулӯ ба тағйирёбии ҳарорат хеле-хеле ҳассос аст. Кондитсионер на танҳо ҳавои дохилӣ, балки он чизеро, ки дар он мавҷуд аст, аз як ҷо ба ҷойи дигар тоза мекунад. Аз ин рӯ, агар яке аз кормандон бо SARS омада бошад, пас кондитсионер “саховатмандона” бактерияҳо ё вирусҳои худро ба ҳамсояғони идораи худ мубодила мекунад.



Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Оғози ҳафта бо табъи хуш аз пайи кори муҳим мешавед, вале мустақилона аз уҳдааш баромада наметавонед. Кибру ғурурро аз худ дур сохта, аз ҳамкорон кумак пурсед. Дар муносибатҳои ошиқона нофаҳмӣ дошта бошед, ҷасурона бо ёри худ суҳбати ошкоро намоед.



Савр
21.04 - 21.05

Вақте расидааст, ки ба хотири хушбахтии оилавӣ касбу корро ба таъхир гузоред. Акнун сари вақт ба хона рафтану корҳои нотамомро ба анҷом расонидан лозим аст. Агар шумо оиладор бошед, меҳру муҳаббататон нисбати ҳамсафари ҳаётӣ бештар мегардад.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ҳафта барои нафарони эҷодкор ва ихтироъкор бобарор аст. Нақшаҳоятон амалӣ шуда, наздикону ҳамкорон дастгирӣ мекунанд. Дар муносибат бо шахсе, ки дӯсташ медоред, андаке нармтар бошед. Кӯшиши бо ҳар роҳ ҳақ будани худро исбот карданро накунед.



Саратон
22.06 - 23.07

Дар касбу кор бо амри дил амал намоед, он гоҳ аз хатоҳо эмин мемонед. Вақте расидааст, ки дили шахси бароятон писандро ба даст биёред. Маҳз дар ҳамин рӯзҳо дар ин ҷода муваффақ гаштан муяссаратон мегардад.



Асад
23.07 - 22.08

Дар мушкилиҳое, ки дар ҷои коратон сар мезананд, сабабгор як ҳамкори бадхоҳатон аст. Агар шумо кӣ будани ӯро медониста бошед ҳам, айни замон аз суҳбати ошкоро худдорӣ намоед. Нафарони муҷаррад дар интихоби бахт душворӣ мекашанд.



Сумбула
23.08 - 22.09

Дар касбу кор бартарии худро нишон дода, метавонед вазифаи баландтареро умедвор шавед. Зимни робита бо шахси дӯстдошта аз ҳад зиёд ба танқиду эрод роҳ надиҳед ё нуқтаи назари худро мулоимтар карда фаҳмонед, вагарна сабабгори муноқиша мегардед.



Мизон
25.09 - 22.10

Ҳамкорон на танҳо ба сифатҳои касбӣ, балки ба зарофату назокати зотиятон таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Муносибати нафароне, ки нисбати шумо ҳисси бадбинӣ доранд, тағйир меёбад. Барои ошиқон вақти изҳори муҳаббат кардан фаро мерасад.



Ақраб
23.10 - 22.11

Ҳафтаи тағйироти деринтизор фаро мерасад. Бештар бо одамон дар робита бошед, худро зиёд хаста нагардонед. Нофаҳмиҳои оилавӣ табъатонро хира месозанд. Ба узвҳои роҳи нафас диққати хоса диҳед. Бо мушкили наздикон машғул шавед, вагарна аз шумо меранҷанд.



Қавс
25.11 - 21.12

Бо вуҷуди он ки дар касбу кори худ моҳир ҳастед, вазъи молиявиро бехтар сохта наметавонед. Айни замон ба умеди зиёд шудани маошатон нашавед. Вақте расидааст, ки ҷои кори худро дигар кунед. Мушкилоти рӯзгор ба муносибатҳои ошиқона халал ворид месозанд.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Кӯшиши ба даст овардани маблағи зиёд тамоми вақту қувваи шуморо мегирад. Қабл аз он ки ба коре даст мезанед, қувваи худро ба назар гиред. Ба меъдаи худ диққати хоса диҳед. Бештар оби минералӣ нӯшида, меваву сабзавоти тару тоза истеъмол кунед.



Далв
21.01 - 19.02

Дар ин ҳафта бояд ба тамоми мушкилиҳое, ки шуморо азият медиҳанд, нуқта гузоред. Нафарони муҷаррад имкони пайдо намудани бахти худро пайдо месозанд. Онҳое, ки оиладоранд, набояд ба рашк кардани ҳамсафари ҳаётии худ роҳ диҳанд.



Ҳут
20.02 - 20.03

Нафароне, ки бо хуҷҷатнигорӣ машғуланд, бодиққат будана-шон лозим мeояд. Як ғалати ҷиддӣ ба кори ширкат таъсир мерасонад. Ба нафароне, ки ҷои кори худро иваз кардан мехоҳанд, ба шитобкорӣ роҳ доданро маслиҳат намедиҳем. Дӯстдоштаатон дар ҳама кор шуморо дастгирӣ мекунад.

ЁДГОРЕМ МАНУ ТУ ЗИ ҲУМОЮННАЗАРОН

(Аввалаш дар саҳ.9)

Шодии ҳама олам бо ғамам
баробар нест,
Бодае, ки ман хӯрдам, шоҳро
ба соғар нест.

Ӯ худро ҳамеша дар ҷилди ҷавонмардӣ мехоҳад тасвир кунад ва аз дигарон низ мард буданро тақозо дорад:

Номадагонро хабар аз
мо бирасонед,
Оянд агар, дар сифати
мард биёянд!

Руҳияи баланди зиндагидӯстӣ ба шеъри Муфаззал як дилгарміву табъи хуш бо худ мебарад, ки ба хонанда низ илҳо мешавад:

Субҳ аст, эй азизам,
оғози зиндагонӣ,
Бархез, ҳамнаво шав бо
сози зиндагонӣ.
Бо чашми дил назар кун бар
коргоҳи ҳастӣ,
То уқдае кушоӣ аз
рози зиндагонӣ.
Сарчашмаи саодат дар
саъйи комили туст,
Дар ҷидду ҷаҳд гардӣ шаҳбози
зиндагонӣ.
Дарёб суръати ин вақти шитобхӯро,
Суръатфизост ин тир аз
този зиндагонӣ.

Як падидаи аҷиб истифодаи таъбири халқии “Бар ҷонам занӣ!” мебошад, ки ба маънои таъбири “ҷонам фидоят” наздик аст, аммо аслан маънои хоси бешабеҳи худро дорад, ки дар кӯҳистони Панҷакент маъмул аст. Ва муносибате ба мафҳуми манфии” ба ҷонам зад”, яъне “безор шудам” надорад, балки баръакс.

Растаи марҷони дандони ту бар
ҷонам занад,
Шӯълабезони фаровони ту бар
ҷонам занад!
Субҳхези резадандонат
нишотангези дил,
Субҳаи гӯёву рахшони ту бар
ҷонам занад!

Худи ҳамин ҷо, дур нарафта, мехоҳам диққати шуморо бо як шеваи таъбирсозиву забони баёни хоси Муфазал ҷалб намоям, ки танҳо дар ҳамин як ғазал фаровон ба кор рафтааст. Таъбирҳои ”шӯълабезони фаровон”, “субҳхези резадандон”, “субҳаи гӯёву рахшон”, “зевари оинаи ҷон”, “ахтарони саъдборон”, “ҳайати ганҷинадорон”(ишора ба шаддаи дандонҳо), “нуқрафомон”, “партави байзо фишонидан аз маҳистони ҷамол” ва ғайра

Як хусусияти ҷолиби дигар, ки дар ғазалҳои Муфаззал мушоҳида шуд ба кор бурдани сабке, ки шабоҳат ба сабки ҳиндӣ дорад. Хусусияти хоси ин сабк дар он ифода меёбад, ки шоир дар мисраъи аавали байт андеша ва тасвиреро меорад ва дар мисраи дуюм ба он маъно нигориши шоирона медиҳад. Масалан шоир дар мисраъи аввал мегӯяд:

Дар канори дӯст биншастан
шукӯҳи зиндагист,

Як сухани оддист, аммо дар мисраъи дуюм шабоҳатиҳамин манзара ва ё мафҳум ба чизе оварда мешавад, ки ба он мафҳум сурати шеър медиҳад, яъне онро бадеъ мегардонад, чунончи:

Ҳеҷ гулшан ҳамчу ин маъно
абиромез нест.

Айнан ҳамин монандкунӣ дар байти дигар:

Мастии чашмони хубон
бодаро беқадр кард,
Ҷоми май чун чашми нози
дилбарон лабрез нест.

Мисраъи дуюм тасвир ва маъноест шоирона.

Чунин далелҳои санъатнигорӣ дар шеъри Муфаззал кам нестанд ва метавон ғазалҳоеро мисол овард, ки саросар ба-дин сабк навишта шудаанд:

Таманнои дили моро каси
дигар намедонад,
Гудози шуъларо чун мурд,
хокистар намедонад...
Писанди худфурӯше нест
ҳарфи маҷлисорое,
Шукӯҳи офтоби аршро
ахтар намедонад...

Метавон дар байни ғазалиёти шоир тасвирҳо, андешаҳо, баёнҳое пайдо кард, ки низ бадеъу шоиронаанд. Масалан:

Фарзона метавонад бо
чашм бӯса чидан...
***
Аз кафи афсӯс меояд бурун овои ман..
***
Гулхани ишқ чу пероя ҷонаш
барбаст,
Шӯъларӯ гашта, зи шаб рӯз
ҳувайдо мекард.
***
Теғи алмос аст оҳанги дили
дардошно,
Дасти оҳангар шиносад сӯзи
оҳанпораро...
***
Бишкуфтаам зи накҳати боди
сабо чу гул,
Бар ман равона сохта рамзе
зи бӯи ту!
***
Ҳар куҷо банданавозист зи
хосияти мо,
Чун насим аст мизоҷи
сухани пургуҳарам.

Гоҳе илҳои маъниҳои фалсафӣ ва худшиносӣ дар шеъри шоир низ ҳувайдост:

Ману ман ҳардуи якто ба
ҳам омехтаем,
Ману ман қатраи обему ба
ҳам рехтаем.
Ману ман кошифи асрори
мани дигари ман,
Ҳама ҷо хирмани маънии
сухан бехтаем.

Маънии ин байтро низ бояд фаҳм кард:

Гулбуни шому саҳар мешамам аз
рӯи ғараз,
То саҳаррафтаи мо пардадари
шом омад.

Маъниҳои андарзиву барандаи ҳикмату панд дар шеърҳои Муфаззал фаровон ба чашм мерасанд. Ӯ инсонҳоро ба ростиву зиндагии беиштибоҳ талқин мекунад. Баъзан дар ин роҳ мисли як омӯзоре огоҳона ибрози андеша мекунад ва хонандаро вомедорад, ки биандешад:

Бувад оё, ки туро рӯзи ҷазо
бахшоянд,
“Марҳабо!”-гуфта, дари хулди
барин бикшоянд.
На, чунин булъаҷабӣ нест дар он
дори бақо,
Ҳар чи аз туст, ҳамон тавқ ба
гардан соянд.
Тираройист туро нисбати
равшанбасарон,
З-ин сабаб баҳри ту Фирдавси
сафо нанмоянд.

Ҳамин тариқ дар баъзе аз ғазалҳо мазмунҳои маслиҳатомезу насиҳатӣ нигошта шудаанд. Шоири зиндадиле чун Муфаззали Аҷамрод, ки дар бисёре аз шеърҳяш майро ситоидаву ҷомҳои нишот бардоштааст, таъкид мекунад, ки ин бода он бода нест ва ҳама кору рафтор ҳадди эътидол дорад, ки гузаштан аз он маслиҳат нест.

Хок бар фарқи саре, ки
бодапарвар мешавад,
Дар фузунӣ дилсиёҳ аз дасти
соғар мешавад...
Талхии май менамояд талх
рӯзи мардро,
Марди ишрат пеши ҳар
номард музтар мешавад.
Гар набишносӣ мақоми хешро
дар зиндагӣ,
Нахли бунёдат хазон аз боди
сарсар мешавад.

Ва дар анҷом мо мефаҳмем, ки мурод аз майе, ки Аҷамрод мегӯяд, майи маънавист, на воқеӣ:

Гар бинӯшӣ бодаи Ишқи Илоҳӣ,
нӯш бод,
Чокаре бошӣ, шукӯҳат чун
Сикандар мешавад.

Як хусусияти шеъри Муфаззал таасвиргароиву тасвирсозӣ аст ва муҳим ин аст, ки ӯ тасвирҳои худро дорад ва тасвири ин тасвирҳо беҳадаф нестанд. Ва дар ғазале ӯ ҳатто чунон ба тасвири ғам мепардозад, ки дар он падидаи нек пеши чашм муҷалло мешавад, зеро ин ғам ғами ёр аст:

Шукри беҳад, ки ғамат мӯнису
ғамхорам шуд,
В-аз ҳама аҳд буридам, ғами ту
ёрам шуд.
Кулли ғамҳои дигар заҳру ғами ту
чу асал аст,
Заҳри ғамҳои ту дармони
шакарборам шуд.
Пеши раммол дигар масъалаҷӯӣ
наравам,
Регзори ғами ту боғаму
гулзорам шуд.

Ва ин ҳамон “наҷвои муҳаббат” аст, ки чунон ки дар оғоз гуфтем, дар саросари ашъори шоир ҳузур дорад ва заҳри ғамро асалу регзори ғамро гулзор намудааст.

Як падидаи ҷолиб дар ашъори Аҷамрод, ки низ гувоҳи табъи шоирии ӯст, вожасозист, ки дар шеърҳои ӯ фаровон мушоҳида мешавад. Чанде аз онҳоро мисол меорем: пойранҷ, осмониҳод, гандидамизоҷ, нопазирофалак, масъалаперо, муборакгуҳар, азросухан, хушевор, субҳдил, ошиқмизоҷ, сазомаҳкама, пайквар, вафопиндор, муаллоойин, равшанбасар, оташинҷилва, мушкилифшогар, носозгормардум, минӯмақом, офтобандеш, маърифатнопосдор, такаллуфҷилвапардозанда, миногар, наҳангоз, аждаҳокеш, ойинасиголон, маънисипар.... Ин мисолҳои фаровон далели табъи шоириву завқи эҷодкории шоиранд.

Мутаассифона, барои баррасии бобҳои манзумҳо, “Нолаҳо дар найистон” (сӯгномаҳо) ва “Таронаҳо”, ки дар поёни китоб омадаанд, фурсат нашуд, аммо як назари иҷмолӣ ба мо тасаввурот ва бардошти неке бокӣ гузошт ва гумон мекунам, онҳо шоистаи пажуҳиши хосаи алоҳида ҳастанд.

Дар фарҷоми ин гузориш сухане бехтар аз гуфтаҳои худи шоир наметавон ёфт, ки гуфтааст:

Завқи ман боз ба майдони сухан
менигарад,
Доваричӯӣ ба майдони сухан
менигарад.
Фатҳу нусрат, ки ҳувайдост
зи барқи нигаҳаш,
Пуршуҷоат ба далерони
сухан менигарад.

Ёдаш ба хайр!

Камол НАСРУЛЛО,
шоири халқии Тоҷикистон

Мавлудномa

• 11 МАЙ •

Акрам Акрамов (1938-2003), 85-солагии зодрӯзи дирижёр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Абдумутолиб Бобоев (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод, профессор.

Булбулназар Имомназаров (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Холмурод Сиддиқов (1953), 70-солагии зодрӯзи актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Меҳрихон Сулаймонова (1968), 55-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи тиб.

• 12 МАЙ •

Исмоил Баротов (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Нуралӣ Имомалӣ (1943), 80-солагии зодрӯзи нависанда.

Масъуда Равшанова (1953), 70-солагии зодрӯзи журналист.

• 13 МАЙ •

Сулаймон Абдуллоев (1943-2016), 80-солагии зодрӯзи журналист.

Карорматулло Ғаюров (1938-2012), 85-солагии зодрӯзи Рассоми халқии Тоҷикистон, Ходими шоистаи ҳунари ҷумҳурӣ.

Борис Исҳоқов (1923-2011), 100-солагии зодрӯзи журналист.

Давлатшо Муъминшоев (1933-2004), 90-солагии зодрӯзи мутриб, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Мавлудаи Мусулмониён (1968), 55-солагии зодрӯзи нависанда.

Каримҷон Наҷмиддинов (1958), 65-солагии зодрӯзи рассом, дизайнер.

• 14 МАЙ •

Махфират Каримова (1923-2012), 100-солагии зодрӯзи арбобзани давлатӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Шариф Салимов (1953), 70-солагии зодрӯзи генерал-майор.

Игор Шерварли (1923-1994), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Гретта Яралова (1938), 85-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

• 15 МАЙ •

Камол Айнӣ (1928-2011), 95-солагии зодрӯзи адабиётшинос, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Гадойбой Ғафуров (1938-2009), 85-солагии зодрӯзи кӯлолгар, Устои халқии Тоҷикистон.

Ҳилол Каримов (1908-1985), 115-солагии зодрӯзи забоншинос, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Ҷамол Мирсаидов (1938), 85-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

Виктор Нечаев (1918-1995), 105-солагии зодрӯзи меъмор.

Ҳикмат Раҳмат (1938), 85-солагии зодрӯзи шоир, мутарҷим, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Иззатулло Файзиев (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Маҷид Шайхов (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

• 16 МАЙ •

Шоҳназар Соҳибов (1903-1973),120-солагии зодрӯзи мутриб, сароянда, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Мирюнус Ҷамолов (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

• 17 МАЙ •

Музаффар Атахонов (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Латофатшо Карамхудоев (1933-2010), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Мубин Қаҳҳоров (1968), 55-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

Низомбой Ҳамробоев (1948-2011), 75-солагии зодрӯзи сароянди опера, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Маҳин Ҳошимова (1938), 85-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи биохимия.

Машраб Ҷӯраев (1958) 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

МЕФУРӮШАМ

► ҲАВЛӢ

► Ҳавлии фурӯшӣ барои оилаи калон, 10 дар хона, 5 сот. замин, бо тамоми шароит ва ҷиҳозаш, дарову зиндагӣ кун ё бо 2 ё 3-ҳуҷрагӣ ва иловапулӣ ба ман иваз мекунам. Тел.: 927-70-23-38

► 4-ҲУҶРАГӢ

► 4-ҳуҷрагӣ, қабати 2, бинои 4-ошёна, ҳолаташ хуб, бо тамоми шароитҳои даркорӣ барои истиқомат, оби гарм, таҳхона, замини наздиҳавлигӣ (огород), бо суроғаи Прокуратураи генералӣ, м/с "Пайкар", назди маркази хизматрасонии техникии "Волна", нарх шартномавӣ. Тел.: 989-143-893

ИНШООТ

► Иншооти фурӯшӣ, 141 м.м., қабати 2, таъмир дорад, "Голубой экран", рӯ ба рӯи м/с "Пайкар", 1100 в.ш. барои м.м. Тел.: 9000-10-703

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи шаҳрвандӣ А2354198 ба номи Салямов Сухроб Васиевич, ки аз 12.02.2003 аз ҷониби ОВД ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТА №1283428 ба номи Маъруфҷони Одинаҳмади Ҳабибзод, соли хатм 12-уми июли 2021, ки аз ҷониби МТМУ №72-и н. Фирдавсӣ дода шудааст, бо сабаби иваз шудани насаб беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотӣ №012397 ба номи Сафарзода Мамлакат Музафар, ки соли 2016 аз ҷониби ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №0112620, рақами қайд №280 ба номи Тоҳирова Меҳрона Зафаровна, ки санаи 28.06.2018 аз ҷониби Литсейи роҳи оҳан дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ Г19545 ба номи Шарипов Фируз Нормуродович, ки соли 2019 аз ҷониби Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкории инфиродӣ ба номи Асоев Муҳаммадмумин Лиёсидинович, РЯМ: 3330021961, РМА: 335188989, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №8Ш-3132 аз 8-уми октябри соли 2022, ба номи Мирзоева Фарангис Хикматуллоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Ҳисор, хонаи 37/2, ҳ. 51, ки дар нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии н. Сино ба расмият дароварда шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии ҳавилдорӣ аз апрели соли 2012, рақами қайд №12060, ҳисоби техникӣ №02/3219-3220 ба номи Файзуллаев Изатулло Хасанович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, маҳаллаи Ховарон (Теппаҳои Шарқӣ), квартали 7, уч-3 аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ЕВ №239576, рақами қайд №353, ба номи Холмуратов Хаймурат Бобомуратович, ки санаи 21-уми июни соли 1980 аз ҷониби ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи №11 Т-ШТУ №0511190 ба номи Қадамов Саъди Ёралиевич, ки санаи 16.06.2012 аз ҷониби МТМУ №29-и н. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ А03668651 ба номи Уракова Ҷонона Таҳировна, ки санаи 20-уми апрели соли 2021 аз ҷониби ШВКД н. И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Маҷидов Ҳомид, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Ҷ. Расулов 71/1, кв. 10, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.



► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ №79378 аз 20-уми декабри соли 2022 ба номи Қаюмов Ҳабибулло Аҳмадович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Деҳаи Испечак, хонаи 15/1, утоқи 119, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 А№460675 ба номи Қурбонов Шоди, ки соли 1986 аз ҷониби мактаби шабонаи (школа рабочей молодежи) №6-и ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин ба номи Ҳаиталиева Сайрам, бо суроғаи н. Варзоб, деҳаи Ғусғарф, ҷамоати деҳоти Варзобқалъа, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, дафтари ҳавлӣ, иқтибос аз протокол, маълумотномаи ЖСК №39/1 (жилищно-строительный кооператив) ба номи Салиев Сахибжон Сабирович, ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Фирдавсӣ 15/2, ҳ. 9, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Аттестати синфи 9 Т-АТА №1281108 ба номи Исупов Юсуф Ғуломович, соли хатм 2021, ки аз ҷониби МТМУ №42-и н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун ба номи шаҳрванд Бундакова Надежда Василевна аз 19.09.2008 таҳти феҳристи 2М-240, ки дар Идораи нотариалии ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи туҳфаи 1/2 ҳиссаи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи 1Ш-677, ки аз 18.08.2010 дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонии ш. Душанбе ба номи Тоҷидинов Рачаб Тоҷидинович бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Шарқ, хонаи 6, квартираҳои 2, 3 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи 1К-161, ки санаи 20.07.2001 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Рӯдакӣ ба номи Сулейманов Муродхон Аҳмадович бо суроғаи ноҳияи Ленин, ҳозира н. Рӯдакӣ, кӯчаи Геологическая хонаи 19, квартираи 2 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Гувоҳномаи шахсияти афсарӣ ба номи Саидов Алиҷон Юсуфович бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Гувоҳномаи шахсияти афсарӣ ба номи Сироҷзода Далери Маҳсуддин бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи гумшудаи РЯМ 2130049717, ки онро соли 2023 нозироти андози ноҳияи М.А.Ҳамадонӣ ба Тошпулотов Ҳасан додааст, эътибор надорад.

БАРҲАМ МЕХЎРАД

► ЧДММ "Кавсари Муҳаммад", №0278071, РЯМ: 2210004482, РМА: 220008843, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶАВОБИ СКАНВОРДҲОИ №18

	З	И	М	И	С	Т	О	Н		А	Б	Х	А	З	И	С	Т	О	Н
Н			А		А		Р				У			А		У		Х	
А			З		Н		О	Т	Р	Я	Д			Х	А	Р		Р	
Ф	А	Р	А	Н	Г	И	С		А		Д	О	М	И	Н	И	К	А	Н
А		Е		О			Т	Р	И	К	О		И	Р	О	Н			А
С	А	Й	Ё	Р		Л	А	О	С		И		Л	А	Р	А			Й
		К		А		А		Т	А	Т	Я	Н	А		А	М	Л	О	К
О		Я		К	А	Т	Т	А											
Д	А	В	Р			Т	О	Р	Ф										
А		И			Н	А	Р	У											
М	О	К	У		А		О		С										
И			Б	А	С	А	Н	Д	А										
Я			У		А	Р	Т	И	Ш										
Т	А	Ш	Р	И	Ф	З	О	Д	А										

	Ч	О	П	Р	А		К	О	Н	У	С
Б				О			А				А
А				В	О	Р	А				Н
Д				А		Е					Д
Б				Р	У	К	Н				Р
А		И	З	О		Т		Р	О	К	А
Х	О	С				О		О		У	
Т		К	А	Б	А	Р	Д	И	Н	К	А
		Р		Е			А		Е		
К	Л	А	Р	А		И	Л	Ю	Ш	И	Н
А				Н	И	Л					А
Р				Д		Л					Т
И				О	Н	О	Н				А
Е				З			Е				Л
С	А	Л	М	А		С	О	Р	О	К	И

Судоку


2	9					1	6	
				3			9	8
		7						3
1						2		
		6	9	7				
		8			6		4	
	4		3	6	2		1	
	3		7			4		
								9

2								
				3	4			
					6	5	1	4
8	1		9				6	
7					3			
	6							
	7			5				2
	9	4	1		2	3		
6								8

Фарқиятро ёбед!



Лабиринт



Сканворд



Шаҳр дар Доғистони Русия
Давлат дар Осиё
Сӯзандору
Дӯстиск
Гиёҳи хушбӯй
Қарз
... Воробей (масхарабоз)
Тамом кардан.
Пайғамбари ба биҳишт дохилшуда
Одамон, мардумон.
Шаҳри соҳили дарёи Иртиш
Душман, хасм
Воҳиди пули Ҳиндустон
Ордоб, гардсӯз
Пироҳани занони ҳинду
Пурратар, тамомтар
... Новикова, артисти ширинкор
Ҳофиз, мутриб.
Шаҳр дар Литва
«Синф» бо забони русӣ
Ҷонбахш, рӯҳафзо
Ҳайвони рӯбоҳмонанд, мӯина.
... -так, қанди витаминдори хориҷӣ
Лаънат кардашуда
Номи духтарона
Одамшинос
... -Батор, пойтахти Муғулистон.
Навъи растанӣ
Қаҳри духтарона
«Калкулятори» қадима
Муқобили кӯр
Номи арабии Пётри 1
Шалвор
Муродифи «ҳам»
Доно, нуктасанҷ
Ватани Ф. Кастро
... Сомон
Шармгин
Зарфи мева, сабзавот.
Шаҳр дар Русия.
Писари Дедал.
Кушодани рӯза
Яке аз чаҳор ёрони пайғамбар (с)
Омехтаи рангҳо.
Мир Сайид ...и Ҳамадонӣ
Сарандози кампирҳо
Мӯраг, мӯйраг.

Кори шаб

Аз марде пурсиданд:

- Комилҷон, чанд фарзанд дорӣ?

Комил дар ҷавоб:

- Худоро шукр, 12-то.

Боз пурсиданд:

- Душвор нест магар?

Комил мегӯяд:

- Кори шаб - хандаи рӯз.

Сари луч

Зан ба шавҳараш мегӯяд:

- Э мардак, о дар ин барфу борону шамол барои чӣ сари луб-луч дар кӯча мегардӣ? Саратро хунук мезанад охир, чаро телпак напӯшидӣ?

Шавҳар дар ҷавоб:

- Кампир, доду фарёд накун, саре, ки дар 80 рафта, олим нашуд, академик нашуд, профессор нашуд, шоир нашуд, агроном нашуд, мон, ки сармояш занад!

Ҳайрати кӯдак

Модар тифлакашро ором мекунонад. Духтарчаи панҷсолааш дар ин асно аз модар мепурсад:



- Оча, барои чӣ ӯ гиря мекунад?

Модар мегӯяд:

- Намедонам, шояд ягон ҷояш дард мекунад.

Духтарак ба ҳайрат омада:

- Куҷояш дард мекунад? Охир, ҳама ҷояш напа нав аст ку!

Чӣ хӯрам?

Наврасе бори аввал хост, ки рӯза бигирад. То фаро расидани шом вақти кам монда буд, вале ӯ дигар тоқат карда натавонист. Бо ҳар баҳона рӯзашро хӯрдан мехосту ба торҳои асаби падараш нохун мезад.

- Дада, шоколад хӯрам, рӯзаам мешиканад?

- Бале...

- Оби газнок нӯшам чӣ?

- Мешиканад...

- Чӣ хӯрам, ки рӯзаам нашиканад?

Падар бо қаҳр:

- Калтак!

Рашк

Шавҳари бадрашк ҳамеша занашро бо дигарон рашки беҳуда мекард. Рӯзе онҳо ҷанҷол карданду зан гуфт:

- Дар дилам ҳазор умед ба шумо ба шавҳар баромадаму...

Зан суханашро тамом накарда, шавҳараш дарҳол:

- Умед кист?

Маҷбур

Аз марде пурсиданд:

- Фарқи марди муҷаррад аз зандор дар чист?

Мард гуфт:

- Муҷаррад ҳама корҳои хонаро худаш мекунад.

Боз пурсиданд:

- Зандор чӣ?

Мард гуфт:

- Зандорро занаш маҷбур мекунад, ки кор кунад.

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА

Сканворд





Дар вақти донишҷӯӣ чунин ҳам мешавад...

Донишҷӯ будему як нафар ҳамсабақамон хеле саҳархез буд. Ҳар либосе, ки барои пӯшидан омода мешуд, саҳар мепӯшиду ба дарс мерафт. Фарқ надошт, ки ин либос ба кӣ тааллуқ дорад. Як саҳар хестам, ки либосҳои дарзмолкардаам дар ҷояшон нестанд. Зуд фаҳмидам, ки ӯ пӯшидааст. Вале чун илоҷе набуд, ҳар чӣ пеш омад, аз нав дарзмол карда, пӯшида ба дарс омадам, вале аллакай дер шуда буд.

Дарси якум дарси забоншиносӣ буд ва устод Мадиброҳим Норматов дарс медоданд. Дер кардан ба дарси он кас барои донишҷӯ як фоҷиа буд.

Дарро ба рӯям устод Норматов кушода, гуфтанд:

- Соат чанд аст?

Ман худро сафед карданӣ шуда, «устод, ман бо айби худам дер накардаам, бо айби ана ҳамон ҳамхонаамон» гуфта, ҳамонеро нишон додам, ки либосҳои маро пӯшида омада буд.

Муаллим ба ҳамсабақамон нигариста, сарзаниш карда, гуфт:

- Ҳарду дар як ҳуҷра зиндагӣ мекардаед, чаро ӯро бедор накардӣ?

Ба ҷойи ӯ ман ҷавоб дода, гуфтам:

- Муаллимҷон, бедор накарданаш ку ҳеҷ гап нест. Ӯ ин саҳар либосҳои маро пӯшида омадаасту ман либосе наёфтам, ки пӯшам ва барои ҳамин дер кардам.

Ҳама дар ханда шуданд. Устод низ бозавқ хандида, «дар вақти донишҷӯӣ чунин ҳам мешавад» гуфта, гуноҳи маро бахшиданд. Вале он ҳамсабақамон дигар либоси касеро напӯшид.

Бибиям мурданд

Ғарқи хаёл нишаста будам, ки Фазлиддин Хоҷаев пурсиданд:

- Чаро ба фикр фурӯ рафтед ва чаро зиқ хастед?

Сарро набардошта, посух додам:

- Бибиам мурдаанд.

Афсӯсхӯрона гуфтанд:

- Тасаллият мегӯям. Магар бемор буданд?

Гуфтам:

- Намедонам, 30 сол пеш буд.

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА